ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф

# МУҲИТИ ТАЪЛИМ ҲАМЧУН ЗАХИРАИ РУШД

## Модули таълимӣ барои мушовирони раёсату шуъба ва бахшҳои маориф



ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА
БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

# МОДУЛИ 2

## МУҲИТИ ТАЪЛИМ ҲАМЧУН ЗАХИРАИ РУШД

**Модули таълимӣ барои мушовирони раёсату шуъба ва
бахшҳои маориф**

**Душанбе 2026**

Бо қарори ҳайати Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «28» ноябри соли 2025, №11/7-2 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттибон:** Бедил Розиқов, Наврӯз Мирзозода, Исфандиёр Раҳматшоев, Сино Лутфуллозода

**Муҳаррир:** Сафарбек Собирзода

**Муқарризон:**

| | |
|---|---|
| Б. Ҳайдаров, | мутахассиси пешбари Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон; |
| М.Р. Маҳкамова, | омӯзгори калони кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. |

Модули мазкур бо дарназардошти талаботи **«Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»** ва **«Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳия гардидааст.

Мақсади модул баланд бардоштани сатҳи салоҳиятҳои касбии мушовирони раёсат, шуъба ва бахшҳои маориф ҷиҳати ташаккул ва рушди муҳити мусоиди таълимӣ, тақвияти муоширати самаранок ва инкишофи фарҳанги машварат дар муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Модули мазкур нақши мушовиронро ҳамчун иштирокчиёни фаъоли раванди ташаккули фарҳанги муҳити таълимӣ муайян намуда, онҳоро барои ба роҳ мондани муҳити муколама, ҳамкорӣ ва эътимоди тарафайн роҳнамоӣ менамояд. Дар модул аҳаммияти татбиқи усули инсонмеҳвар, муносибати эҳтиромона ва дастгирии касбӣ нисбат ба омӯзгорон ва дигар иштирокчиёни раванди таълим таъкид карда мешавад.

Дар доираи модул талабот ба мушовир ҳамчун мушоҳидагари ҳассоси эҳтиёҷоти омӯзгорон ва муҳити таълим муқаррар гардида, амалисозии фаъолияти касбӣ дар асоси таҳлил, ҳадафмандӣ ва самаранокӣ пешбинӣ мегардад. Модул ба рушди малакаҳои мушоҳида, гӯшкунии фаъол, муоширати созанда ва қабули қарорҳои асоснок мусоидат менамояд.

Модули мазкур ҳамчун воситаи таълимӣ барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси мушовирони раёсат, шуъба ва бахшҳои маориф пешбинӣ шудааст. Он ба мушовирон имкон медиҳад, ки муҳити таълимро ҳамчун омили асосии рушди иҷтимоӣ ва эмотсионалии иштирокчиёни раванди таълим арзёбӣ намуда, барои ташаккули он ҳамчун фарҳанги устувор ва мусоид чораҷӯӣ намоянд.

**Мундарича**


Пешгуфтор ………………………........................................................................................ 4

1. Муҳити таълим — заминаи рушди инфиродӣ ва касбӣ ….............….......................... 6

2. Муҳити таълим ҳамчун омӯзгори сеюм: назария ва намунаҳо ................................ 15

3. Ташхиси муҳити муассисаи таълимӣ ва кор бо монеаҳо.......................................... 29

Адабиёт ва сарчашмаҳо........................................................................................ 43

## ПЕШГУФТОР

Вақте сухан дар бораи муассисаи таълимӣ меравад, тасаввуре, ки дар зеҳни аксари мардум шакл мегирад, одатан бо манзараҳои маъмули синфхонаҳо, роҳравҳои тоза, ҷадвали дарсҳо ва ҷойи нишасти хонандагон маҳдуд мешавад. Солҳои тӯлонӣ мо ба тартиб, интизом, риояи қолабҳо ва иҷрои барномаҳои таълимӣ одат кардаем ва ҳамин омилҳо боис шудаанд, ки муассисаи таълимиро пеш аз ҳама ҳамчун сохтори муташаккили омӯзиши фаннӣ дарк намоем.

Бо вуҷуди ин, ҳангоми андешидани амиқтар маълум мегардад, ки таълим танҳо маҳсули барномаи таълимӣ нест, балки аз муҳити равонӣ, иҷтимоӣ ва физикӣ сарчашма мегирад, ки хонанда дар он зиндагӣ ва рушд мекунад.

Муҳити таълимӣ фазоест, ки хонанда қисми зиёди вақти худро дар он сипарӣ намуда, меомӯзад, муошират мекунад, эҳсос менамояд ва ҳамчун шахсият ташаккул меёбад. Ин муҳит метавонад илҳомбахш, дастгиркунанда ва ҳавасмандкунанда бошад ё баръакс — бетараф, сард ва маҳдудкунанда. Вобаста ба сифати муҳити таълимӣ муносибати хонанда ба омӯзиш, ба худ ва ба дигарон тағйир меёбад. Аз ҳамин ҷост, ки имрӯз муҳити таълимӣ дар маркази таваҷҷуҳи педагогикаи инсонмеҳвар қарор дорад.

Муҳит, ҳарчанд бидуни сухан, паём мерасонад. Вақте хонанда ба синфхонае ворид мешавад, ки деворҳояш холӣ, ҷойгиршавии мизҳо расмӣ ва имкони муошират маҳдуд аст, муҳит ба ӯ ноаён паёме мерасонад: «Ором бош ва аз доира берун набаро». Баръакс, муҳите, ки дорои рамзҳои эътироф, унсурҳои эҷодӣ, ҷойҳои фаъол ва нишонаҳои иштирок мебошад, дар хонанда эҳсоси тааллуқ, амният ва арзишмандӣ ба вуҷуд меорад: «Ин макони ман аст, овози ман шунида мешавад ва иштироки ман муҳим аст».

Дар муассисаи таълимӣ муҳит танҳо маҷмӯи инфрасохтор нест, балки инъикоси муносибат ба хонанда ва фалсафаи таълим мебошад. Муҳите, ки на танҳо дониши фаннӣ, балки ҳамдардӣ, ҳамкорӣ, эҳтиром ва озодии фикрро ташвиқ менамояд, ба рушди шахсияти устувор ва масъул мусоидат мекунад.

Мутаассифона, дар бисёр ҳолатҳо муҳити таълимӣ танҳо аз нигоҳи зоҳирӣ — ҳамчун маҷмӯи бино, таҷҳизоти техникӣ ва таъмир арзёбӣ мегардад. Агар синфхона зебо бошад, тахтаи электронӣ дошта бошад ва курсиву мизҳо нав бошанд, муҳит хуб ҳисобида мешавад. Аммо муҳити воқеан мусоид танҳо ба зоҳир вобаста нест; он бештар ба эҳсоси равонӣ, муносибатҳои инсонӣ ва сифати муоширати «зинда» такя мекунад.

Пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки ҳатто дар муассисае, ки бо тамоми таҷҳизоти муосир таъмин аст, агар муҳит сард, бепарво ва ғайришахсӣ бошад, он метавонад дар хонанда эҳсоси бегонагӣ, бетарафӣ ва коҳиши ангезаи омӯзишро ба вуҷуд оварад. Ҳатто шароити ҷисмонии бароҳат наметавонад ҳавасмандии хонандаро боло барад, агар шахсияти ӯ дар ин муҳит пазируфта нашавад.

Фалсафаи маъруф Реҷио Эмилия (Reggio Emilia), ки дар таълими кӯдакони синни томактабӣ ва ибтидоӣ реша дорад, муҳити таълимиро ҳамчун «омӯзгори сеюм» мешиносад. Педагоги аввал — омӯзгор, педагоги дуюм — худи хонанда ва педагоги сеюм — муҳите мебошад, ки кӯдак дар он меомӯзад. Ин муҳит ҳеҷ гоҳ бетараф буда наметавонад: он ё дастгиркунанда ва илҳомбахш аст, ё маҳдудкунанда ва дуркунанда.

Агар муҳити таълимӣ ба тавре тарҳрезӣ гардида бошад, ки ҳузури хонандаро бипазирад, ӯро ба ибрози андеша ташвиқ намояд ва арзиши шахсияташро эҳтиром кунад, чунин муҳит ба яке аз омилҳои асосии муваффақият табдил меёбад.

Эҳсоси марбут будан (belonging) яке аз омилҳои калидии рушд ва ангезаи дохилӣ маҳсуб меёбад. Вақте хонанда эҳсос мекунад, ки ӯ дар ин муҳит пазируфта шудааст, овозаш шунида мешавад ва шахсияташ ҳамчун арзиши беназир эътироф мегардад, фаъол

мегардад, ба омӯзиш дилгарм мешавад ва масъулияти шахсиро қабул менамояд. Муҳити таълимӣ бояд паёмҳое ирсол намояд, ки хонандаро аз ҷиҳати эҳсосӣ дастгирӣ кунанд, аз ҷумла: «Мо туро мешунавем», «Ин ҷо ҷойи туст», «Хато як ҷузъи табиии омӯзиш аст».

Чунин муҳит на танҳо ба рушди маърифатӣ, балки ба ташаккули шахсияти иҷтимоӣ ва эмотсионалии хонандагон низ мусоидат менамояд.

Мушовир, ки маъмулан ҳамчун шахси танзимкунанда ва назоратгар шинохта мешавад, дар асл метавонад нақши хеле фарохтарро иҷро намояд. Ӯ метавонад мушоҳидагар, таҳлилгар, илҳомбахш, ҳамфикр ва навовар бошад. Мушовир қобилияти дарк кардани эҳтиёҷоти муҳит, шунидани ишораҳои ноаёни он ва амалӣ намудани тағйироти хурд, вале таъсирбахшро дорад, ки натиҷаҳои назаррас ба бор меоранд.

Ин «тағйироти хурд» метавонанд чунин бошанд:

- ташкили гӯшаи ором барои андешаронӣ ва худандешии хонанда;
- таъсиси девори «ифтихор» барои намоиши дастовардҳои хонандагон;
- фароҳам овардани ҷой барои ибрози андешаи ҳаррӯзаи хонандагон;
- ташкили кунҷи «саволи рӯз» ё «андешаи ҳафта».

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки муҳите, ки аз муҳокима канораҷӯӣ мекунад, аз хатогӣ метарсад ва озодии ибрози андешаро маҳдуд месозад, муҳитест, ки иқтидори воқеии омӯзишро коҳиш медиҳад. Дар муқобил, муҳите, ки «дарҳоро боз» мегузорад, ба гуногунандешӣ иҷозат медиҳад, хатогиро ҳамчун ҷузъи табиии раванди омӯзиш қабул мекунад ва имконият фароҳам меорад, то ҳар хонанда «овоз» дошта бошад, муҳити воқеии омӯзиш ба шумор меравад.

Ин курс барои онҳое равона шудааст, ки ба муҳити таълимӣ на танҳо ҳамчун замина, балки ҳамчун восита ва иштирокчии фаъоли раванди таълим менигаранд. Хусусан, он барои мушовироне пешбинӣ шудааст, ки мехоҳанд муҳитро «бишнаванд», забони хомӯшонаи онро дарк намоянд ва фазоҳои хомӯшро ба муҳити муколама ва ҳамкорӣ табдил диҳанд.

# МАВЗУИ 1

## Муҳити таълим — заминаи рушди инфиродӣ ва касбӣ

**Чиро бояд донем:**

- Муҳит – маҷмуи усули физикӣ, муошират ва фарҳангӣ мебошад.
- Муҳит ба одамон паёмҳо медиҳад, ки чӣ муҳим аст, чӣ мумкин ва чӣ манъ аст.
- Муассисаи таълимӣ ҳамеша «Барномаи пинҳонӣ» дорад, ки муҳит онро интиқол медиҳад – ҳатто агар он дарк нашуда бошад.
- Тағйироти хурди муҳит аксар вақт ба фазои умумӣ бештар таъсир мерасонанд назар ба тағйироти бузург ва намоён.

**Чиро бояд тавонем?**

- Муҳити муассисаи таълимро метавон аз рӯйи мушоҳидаҳо, ишораҳо, ҷузъҳои намоён ва тарзҳои амал арзёбӣ кард.
- Фарқ кардани сатҳҳои муҳит: ҷисмонӣ, коммуникативӣ, фарҳангӣ.
- Муайян кардани тазодҳо байни муҳити расмӣ ва воқеӣ.
- Таҳия ва пешниҳоди амалҳои хурду муассир барои беҳтарсозии муҳит
- Барои омӯзгорон ва хонандагон муҳитро ҳамчун як сарвати таълимӣ истифода бурдан.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

- Муҳити муассисаи таълимӣ имрӯз ба хонанда ва омӯзгор чӣ «мегӯяд»?
- Чӣ тавр ороиш, рафтор, расму оинҳо ва таълим бо ҳам алоқаманданд?
- Кадом бахшҳо дар муассисаи таълимӣ «фаъол» ҳастанд ва кадомаш «ғайрифаъол»? Чаро?
- Чӣ метавонад дарки муҳити муассисаро бе харҷи зиёд беҳтар кунад?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Баъди омӯзиши ин мавзуъ метавонед:

1. Фарқ кардани ҷузъҳои муҳит: физикӣ, муошират ва фарҳангӣ.
2. Шинохтани нишонаҳои муҳимми муҳит: кушодагӣ, назорат, дастгирӣ, иштироки шогирдон.
3. Пешниҳод кардани 2–3 тағйироти хурд, ки иқтидори муҳити таълимро беҳтар мекунанд.

## Муқаддима

**Муҳити муассисаи таълимӣ танҳо бино ва таҷҳизот нест.** Одатан, ҳангоми сухан дар бораи муҳити муассисаи таълимӣ, мо бештар ба ҷиҳатҳои моддӣ, аз қабили бино, мебел ва таҷҳизот диққат медиҳем. Вале таҷриба нишон медиҳад, ки ҳатто муассисаҳои дорои таъмири муосир ҳам на ҳамеша фазои мусоид барои омӯзишро таъмин мекунанд.

Муҳити таълим — маҷмуи унсурҳоест, ки ба хонандагон паёмҳо мефиристанд: **«Ту муҳим ҳастӣ»** ё **«Ту дар ин ҷо танҳо меҳмонӣ»**? Муҳим аст, ки омӯзгор ба шогирдон гӯш диҳад, роҳҳои ҳаракати хонандагон дар муассиса аз дари даромад то синфхона оқилона ва мусоид ташкил карда шаванд.

Барои мушовир муҳим нест, ки танҳо муҳити таълимро бинад, балки зарур аст, ки таъсири он ба сифати таҳсилро фаҳмида, имкониятҳои тағйирро арзёбӣ кунад ва онро ба фазои рушди воқеӣ табдил диҳад, на ба ҳисоботи расмӣ.

Дар ин машғулият мо мекӯшем, ки муҳити таълимро на танҳо ҳамчун замина, балки ҳамчун шарике таълим баррасӣ кунем. Мо бо равишҳое шинос мешавем, ки имкон медиҳанд муҳитро тадриҷан ва системавӣ, дар асоси ҳамкории доимӣ, беҳтар созем — ҳатто бидуни буҷа ва ислоҳоти бузург.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Муҳити таълимӣ** – маҷмуи шароит, муносибат, ишораҳои овозӣ ва рафторӣ, ки дар он омӯзишу тарбия сурат мегирад. Муҳит ба ҳавасмандӣ, иштироки фаъол, рафтор ва рушди хонандагон таъсир мерасонад.

**Муҳити физикӣ** – шароити моддӣ барои раванди таълим, аз ҷумла бино, синфхона, мебел, таҷҳизот, равшанӣ, вентилятсия, дастрасии фазо ва ғайра.

**Муҳити муоширатӣ** – тарзи муошират дар муассисаи таълимӣ, ки муайян мекунад ки гап мезанад, ки гӯш мекунад, чӣ тавр қарорҳо қабул мешаванд, кадом шаклҳои фикру мулоҳиза мавҷуданд. Муҳим аст, ки на танҳо сохтори расмӣ, балки муоширати ҳаррӯза низ ба назар гирифта шавад.

**Муҳити фарҳангӣ** – меъёрҳо, расму оинҳо, анъанаҳои синф ва муассисаи таълимӣ, одатҳо, ки «муҳити ноаён»-и муассисаро ташкил медиҳанд. Ҳамаи ин арзиш ва қоидаҳои ғайрирасмиро муайян мекунад.

**Паёмҳои муҳит** – паёмҳои ғайришифоҳӣ, ки муассисаи таълимӣ тавассути муҳит, қоидаҳо, тарҳрезӣ ва рафтори калонсолон ирсол мекунад.

**Тағйироти хурд** – беҳбудиҳои хурди муҳит, ки харҷи зиёд намехоҳанд, вале ба қабули муҳит, иштироки фаъол ва бехатарӣ таъсири мусбӣ мерасонанд.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:

1. Фарқ кардани ҷузъҳои муҳит: физикӣ, муошират ва фарҳангӣ
2. Шинохтани нишонаҳои муҳимми муҳит: кушодагӣ, назорат, дастгирӣ ва иштироки шогирдон
3. Пешниҳод кардани 2–3 тағйироти хурд, ки иқтидори муҳити таълимро беҳтар мекунанд



### АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**1. Ақидаҳоро арзёбӣ кунед ва дар гурӯҳ баррасӣ намоед.**

Дар поён мисолҳо оварда шудаанд, ки шумо метавонед бо онҳо **розӣ шавед, розӣ нашавед ё дар бораи онҳо андеша кунед**. Барои худ қайд кунед: ☑ — ҳа, ✗ — не, **?** — мутмаин нестам.

1. Муҳити муассиса пеш аз ҳама бино аст.
2. Муҳити таълим метавонад ба ҳавасмандии хонанда таъсир расонад.
3. Омӯзгор ба муҳити муассисаи таълимӣ ҳеҷ таъсир расонада наметавонад.
4. Муҳит танҳо барои синфҳои ибтидоӣ муҳим аст.
5. Дар муассисаи мо, муҳит-ин муколама ва озодии интихобро дастгирӣ мекунад.

**2. Нуқтаи диққат**
**Саволҳо:**

- Ҷойеро дар муассиса ба ёд оред, ки барои шумо шахсан бароҳат аст. Чаро?
- Чӣ ин фазоро «бароҳат» сохтааст?
- Кадом як унсурро метавон ба минтақаҳои дигар интиқол дод?

**Шакли кор:** фардӣ + гурӯҳӣ.

**3. Ангезиши хурди зеҳнӣ**

Вазифа:

- Аксро бодиққат аз назар гузаронед.
- 3 унсури муҳитро номбар кунед, ки бе таъмир тағйир додан мумкин аст.
- Ин тағйирот ба хонандагон чӣ медиҳад?





## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 2.1. - ро бодиққат хонда, бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 2.1. фаҳмиши худро санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 2.1.**

Рушди хонандаро аз руйи чӣ муайян мекунанд? Китобҳо, барномаҳо, омӯзгорон? Албатта. Аммо як лаҳза таваққуф кунед: ин ҳама дар кадом шароит сурат мегирад? Хонанда дар куҷо мешинад, чӣ гуна омӯзгор садо медиҳад, дар долонҳо хонанда ба чӣ менигарад, оё ҷой барои саволҳо, муколама ва танҳоӣ вуҷуд дорад?

Муҳити таълим матои ноаёнест, ки тамоми раванди омӯзишро шакл медиҳад. Он на танҳо замина, балки омили фаъол дар рушди таҳсили хонандагон аст.

### 1. МУҲИТИ ТАЪЛИМӢ – НОАЁН, ВАЛЕ ҲАЛКУНАНДА

Мушовирҳо, роҳбарон ва омӯзгорон аксар вақт муҳитро танҳо замина мешуморанд. Аммо он метавонад кӯшишҳои омӯзгорро ё дастгирӣ кунад, ё монеа эҷод намояд.

Муҳим аст, ки дарк кунем: муҳит – на танҳо моддӣ, балки ҳамчунин равонӣ ва муоширатӣ мебошад.

Ҳамин тавр, муҳити таълим маҷмуи ҳамаи шароитҳо мебошад, ки дар он хонанда рушд мекунад. Он на танҳо фазои ҷисмонӣ, балки муошират, қоидаҳо, эҳсоси бехатарӣ ва эҳтиромро низ дар бар мегирад.

**Муҳим аст фарқ кунем:**

- **Муҳит ҳамчун фазо** – мебел, равшанӣ, лавҳа ва озмоишгоҳҳо;
- **Муҳит ҳамчун раванд** – чӣ гуна фаъолият ташкил шудааст, кадом нақш ва расму оинҳо мавҷуданд;
- **Муҳит ҳамчун муносибат** – лаҳни муошират, имкони шунида шудан ва қабул гардидан.

Ин унсурҳо ҷудогона вуҷуд надоранд, балки бо ҳам пайвастанд.

Як синфхонаи хуб таҷҳизонидашуда метавонад «сард» бошад, агар дар он тафаккури озод иҷозат дода нашавад. Аммо як фазои оддӣ ва хоксор метавонад "фаъол" бошад, агар дар он муошırати эҳтиромона ва муколама ба роҳ монда шавад.

### 2. *МУҲИТИ ФИЗИКӢ*

Вақте ки мо «муҳити физикӣ» мешунавем, фавран доир ба таъмир, мебел ва техника фикр мекунем. Ин дуруст аст. Аммо муҳим аст, ки бидонем: ҳатто бо захираҳои маҳдуд метавон муҳитро бароҳат, тағйирпазир ва мувофиқ сохт.

Муҳити физикӣ чиҳоро дар бар мегирад?

- Синфхонаҳо – равшанӣ, ҳавотозакунӣ ва имконияти ҳаракат.
- Ҷойҳои берун аз дарс – долонҳо, ҳавлӣ, гӯшаҳои истироҳатӣ ва китобхонаҳо.
- Муҳити аёнӣ (визуалӣ) – овезаҳо, эълонҳо, лавҳаҳои муваффақият.
- Амният – нишонаҳои равшан, тозагӣ, қоидаҳои рафтори фаҳмо.

Мисол: Дар яке аз муассисаҳои ноҳияи Варзоб, омӯзгорон худ як гӯшаи китобхонаро ба «ҷойи кори мустақилона» табдил доданд: чанд миз, тахтаи маслиҳатҳо, қуттии супоришҳои таълимӣ – ва ин макон ҷойи ҷолибе барои хонандагон шуд, ки на аз маҷбурӣ, балки барои фикр кардан ва омӯзиш ҷамъ мешаванд.

Мушовир метавонад бо ташаббуси тағйироти хурд омӯзгоронро ҳидоят кунад, ки синфро бодиққат бинанд, ҷойи шогирдро иваз кунанд, баррасӣ намоянд, ки оё фазо бароҳат ва мувофиқ аст ё не.

### *3. МУҲИТИ РАҚАМӢ*

Дар шароити идеалӣ, муҳити рақамӣ китобхонаҳои электронӣ, LMS - системаҳо[1], синфҳои виртуалӣ мебошад. Аммо дар аксари МТМУ Тоҷикистон ҳама чиз соддатар аст – паёмрасонҳо, аксҳо ва паёмҳои овозӣ тавассути WhatsApp. Вале ҳатто ин муҳити рақамӣ буда метавонад, агар мақсад ва маъно надошта бошад.

Чӣ метавонад як муҳити рақамии оддӣ, вале коршоямро дар бар гирад?

| Унсур | Намунаи истифода |
|---|---|
| Гурӯҳҳои WhatsApp | Муошırати омӯзгор бо хонандагон ва падару модарон |
| Каналҳои Telegram | Фиристодани супоришҳо, видео-шарҳҳо, хабарҳо ва дигар паёмакҳо |
| Аксҳо/паёмҳои овозӣ | Вазифаи хонагӣ бо паёми садоӣ |
| Кортҳои рақамӣ | Ҷадвалҳои электронӣ, расмҳо ва нақшаҳо |

Мушовир бояд на танҳо «Сомонаҳоро тавсия диҳад», балки бо омӯзгорон баррасӣ кунад: «Чӣ тавр метавонем бо имкониятҳои ҷорӣ кор кунем?» Масалан, омӯзгорон метавонанд видеошарҳҳои оддиро сабт кунанд, «Баррасии овозии супоришҳо»-ро дар чатҳо оғоз кунанд.

**Савол**: Оё муҳити рақамӣ метавонад аз ҳад зиёд пурбор шавад? – Бале, агар муошırати зиндаро иваз кунад ва изтиробро ба вуҷуд орад. Аз ин рӯ, муҳим аст тавозуни муҳити рақамиро нигоҳ дошт, то ҳам муошırати равонӣ ва ҳам вазъи ҷисмонӣ нигоҳ дошта шавад.

### *4. МУҲИТИ МУОШИРАТӢ*

Ин муҳит аксар вақт камарзиш ҳисоб мешавад, аммо тавоноии муассисаро маҳз тарзи муошират муайян мекунад.

Муҳити муоширатӣ на танҳо «кӣ бо кӣ гап занад» аст, балки:

- **забоне**, ки хонандагон ва омӯзгорон истифода мебаранд (мустақиман ва ҳам рамзӣ);
- **оҳанги муошират** – меҳрубонӣ, эҳтиром, сахтгирӣ ё тамасхур;
- **каналҳо** – оё ҷой барои изҳори назар, пурсиш, шикоят ва мубодила вуҷуд дорад?

Инҳо муҳити муассисаро шакл медиҳанд ва шаффофӣ, эҳтиром ва озодии баёнро таъмин мекунанд

Мушовир метавонад аз як саволи оддӣ оғоз кунад: Хонанда, вақте ки субҳ ба муассиса ворид мешавад, чӣ мешунавад? Ва оё ӯ мехоҳад ба он ҷо боз баргардад?

**Мисол**: Дар як муассисаи деҳот, дастаи омӯзгорон қарор карданд, ки ҳар субҳ ҳар як омӯзгор бо ном ба ҳадди ақал се шогирде, ки дарс намедиҳад, салом мегӯяд. Баъд аз як моҳ, муҳити эҳсосии МТМУ тағйир ёфт:

- Хонандагон низ байни ҳамдигар салом доданро оғоз карданд.
- Дар вақти танаффус муколама зиёд ва фарёдҳои ноҷо кам гардид.

Хулоса: Муҳити муошират харҷи моддӣ талаб намекунад. Он таваҷҷуҳ ба калима, оҳанг ва расму оинҳоро хостар аст.

[1] LMS (Системаи идоракунии таълим) — платформаест барои идора кардани раванди таълим. Он имкон медиҳад, ки муҳтавои таълимӣ эҷод, нигоҳдорӣ ва паҳн карда шавад, омӯзиш ташкил гардад, пешрафт пайгирӣ шавад ва арзёбӣ гузаронида шавад.

## 5. НАҚШИ МУШОВИР

Мушовир муассисаро таъмир карда, интернет насб карда ё мебел харидорӣ карда наметавонад. Аммо ӯ метавонад:

- **Ба омӯзгорон саволҳои дуруст диҳад:** Оё хонандагон худро бароҳат ҳис мекунад? Оё ӯро мешунаванд? Чиро тағйир додан мумкин аст?
- **Амали хурд пешниҳод кунад:** лавҳаи идеяҳо, пурсиши фикри хонандагон, «гӯшаи саволҳо».
- **Ба муҳит диққат диҳад**: на «илова кардани як вазифаи дигар», балки ҳамгиро кардани ғамхорӣ нисбат ба муҳити педагогӣ.
- **Ташкили сайри хурди мактаб бо омӯзгорон:** чӣ тавр муҳит кумак мекунад? Чӣ тавр он монеа эҷод мекунад?

Мушовир дар шароити маҳдуди молиявӣ чӣ кор карда метавонад.

| Амалиёт | Манфиат |
|---|---|
| 15 дақиқа суҳбат бо омӯзгорон: «Чӣ кӯдаконро ҳисси боварӣ медиҳад?» | Муҳиммияти муҳити таълимро равшан мекунад |
| Архиви аксҳо: «Муҳити дӯстона» | Диди васеъ ба таҷрибаҳои хубро ба вуҷуд меоранд |
| Тахтаи «Фикри ман барои мактаб» аз шогирдон | Фарҳанги фикру мулоҳизаро рушд медиҳад |
| Рубрикаи «Иқтибоси ҳафта» дар тахта | Муҳити гуфторӣ ва ахлоқиро ҳавасманд мекунад |

**Муассисаи таълимӣ метавонад бо роҳҳои гуногун муносибату муошират кунад.** Муассиса на танҳо як бино аст, балки муҳите аст, ки бо суханон, бо **лавҳаҳ**ои пур аз дониш, саҳифаҳои навишта ва табассуми субҳ**гоҳӣ** муошират мекунад.

Мушовир на сохтмончӣ, на тарроҳ ва на директор аст. Мушовир шахсест, ки метавонад муҳитро ҳамчун захира ё монеа дида, суҳбатро дар бораи он ҳамчун воситаи рушд оғоз кунад.

### 1. Варақаи санҷишӣ. «Муҳит аз нигоҳи хонанда»

Ин варақа барои мушоҳида ё гуфтугӯ бо хонандагон истифода мешавад. Дарки таъсири муҳити муассисаи таълимӣ ба рушд кумак мекунад. Метавон барои синфҳои гуногун мутобиқ кард.

| Нуқтаҳои асосӣ | Бале | Баъзан | Не |
|---|---|---|---|
| Оё ман маконе дорам, ки дар он, берун аз дарс, нишаста фикр кунам | | | |
| Оё ман метавонам саволҳои душворро аз омӯзгор пурсам | | | |
| Оё синф бароҳат аст – тахта равшан ва овози омӯзгор фаҳмост | | | |
| Оё дар мактаб муҳит барои баён кардани идеяҳои шахсӣ мавҷуд аст | | | |
| Оё тахтаҳо барои ман дорои маълумоти муфид мебошанд | | | |
| Оё омӯзгорон ба ман бо эҳтиром муносибат мекунанд | | | |
| Оё дар мактаб берун аз дарс фаъолиятҳои шавқовар вуҷуд доранд | | | |

Мушовир метавонад ин варақаро ҳамчун асоси таҳлили хурд истифода барад – дар гуфтугӯ бо гурӯҳи хонандагон ё мусоҳибаҳои ғайрирасмӣ.

**2. «Чӣ гуна гуфтугӯро дар бораи муҳити муассисаи таълимӣ оғоз кардан мумкин аст»**

Мушовир онро барои оғози муҳокима бо омӯзгорон/идоракунии муассисаи таълимӣ истифода мебарад.

## Саволҳои ибтидоӣ:

1. Агар шумо хонанда мебудед, чӣ шуморо дар муассисаи таълимӣ илҳом мебахшид?
2. Дар куҷо дида мешавад, ки муассисаи таълимӣ ба хонандагон ғамхорӣ мекунад?
3. Кадом унсурҳои муҳити муассисаи таълимӣ муколама ва андешаро ҳавасманд мекунанд?
4. Кадом тағйироти хурдро бе хароҷот ворид кардан мумкин аст?
5. Дар муассисаи таълимӣ мо кадом сабки муошират ҳукмфармост? Мо онро дарк мекунем?

**Шакли кор: 30 дақиқа, кор дар гурӯҳҳои хурд. Баъд ҷамъоварии идеяҳо ва ҳалли пешниҳодшуда.**

**3. Содда, вале самаранок**

**Идеяҳо барои беҳтар кардани муҳити таълим бе хароҷот.** Интихоби **10 амали оддӣ**, ки мушовир ё омӯзгор метавонад оғоз кунад.

| Идея | Манфиат |
|---|---|
| Гӯшаи «Саволҳои бе ҷавоб» дар тахтаи синф | Ҳавасмандкунии тафаккури таҳқиқотӣ |
| Харитаи МТМУ бо имзои хонандагон | Эҳсоси тааллуқ доштани муҳит |
| «Субҳ ба хайр» аз омӯзгор ҳангоми ворид шудан | Гармиву ҳавасмандӣ дар муошират |
| Тахта: «Ман чиро метавонам...» (маҳорат ва муваффақиятҳои шогирдон) | Баланд бардоштани боварӣ ва худбаҳодиҳӣ |
| Мубодилаи супоришҳои озод дар танаффус | Гирифтани донишҳо берун аз дарс |
| Аксҳо/расмҳои шогирдон дар деворҳо | Эътироф ва шомилшавӣ |
| Гӯшаи мулоим аз маводи одӣ | Бароҳатӣ ва коҳиши ҳаяҷон |
| «Сенарияи хурди миннатдорӣ» дар охири ҳафта | Рушди дастгирӣ дар коллектив |
| Саволҳои ҳафта дар тахтаи синф | Баррасии маънӣ ва андеша |
| Гӯшаи сабз дар синф (гиёҳҳо аз хонандагон) | Зебоӣ ва ғамхорӣ ба муҳит |

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. Муҳити таълимӣ, муҳити физикӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии муассисаро дарбар мегирад.
2. Муҳит ба рафтор, ҳавасмандӣ ва иштироки фаъолонаи хонандагону омӯзгорон таъсири бевосита мерасонад.
3. Муҳит на танҳо тавассути инфрасохтори моддӣ, балки тавассути амалҳои ҳаррӯза ва муносибатҳои иҷтимоӣ шакл мегирад.
4. Мушовир метавонад диққати омӯзгоронро ба муҳит ҳамчун захира барои рушди таълим равона созад.
5. Ҳатто тағйироти хурд дар ташкил ва идоракунии фазо метавонад ба сифати равандҳои таълимӣ таъсири назаррас дошта бошад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

I. **Мухтасар дар бораи мазмун**

1. Кадом фикр ё мисол аз мавзуъ барои шумо ғайричашмдошт ё муҳим буд?
2. Шумо чӣ навгониро дар бораи нақши муҳит дар омӯзиш ва ҳавасмандсозӣ фаҳмидед?
3. Се аломати муҳити «дастгирикунанда»-ро, ки акнун мешиносед, кадомҳоянд?

Шакл: Хаттӣ ҷавоб диҳед ё дунафарӣ муҳокима кунед

**II. Аз идеяҳо — ба амал**

1. Аз ҳама фикру андешаҳои муҳокимашуда, се идеяе, ки ба шумо бештар писанд омад, кадомҳоянд?
2. Кадом аз ин идеяҳо метавонад аллакай пагоҳ бе хароҷот ва мувофиқа амалӣ шавад?
3. Оё идеяе аст, ки дар шумо шубҳа ё саволро ба вуҷуд овард?

Шакл: Дунафарӣ аз воситаҳои пешниҳодшуда интихоб кунед

**III. Нуктаи рушди фардӣ**

1. Шумо дар муассисаи худ моҳи наздик чиро таҷриба кардан мехоҳед?
2. Қадами аввал чӣ гуна буда метавонад?
3. Дар бораи даста фикр кунед: ки метавонад шарики шумо дар ин тағйирот шавад?

Шакл: Дар гурӯҳ муҳокима кунед

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 1.1**

*Як ҷавоби дурустро интихоб кунед:*

1. **Муҳити таълимӣ чиҳоро дар бар мегирад?**
   A. Маҷмуи таҷҳизоти моддӣ-техникии муассиса
   B. Маҷмуи рафтор ва сабки муошимрати омӯзгорон ва хонандагон
   C. Маҷмуи физикӣ, муошират ва фарҳангии фазои муассиса
   D. Маҷмуи мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ

2. **Кадом амал унсури муҳити дастгирикунанда нест?**
   A. Имкони таъсири хонандагон ба тарҳи синфхона
   B. Пайравии қатъӣ ба дастурҳо бе муҳокима
   C. Фазои барои фикру мулоҳиза ва бозгашт
   D. Дастрасии озод ба маводи таълимӣ

3. **Кадом нишона муҳити «фаъол (зинда)»-и муассисаро муайян мекунад?**
   A. Сукути комил дар вақти танаффус
   B. Хонандагон дар ороиши муассиса саҳм надоранд
   C. Имкони интихоби озод ва иштирок, нишонаҳои фаъолияти хонандагон
   D. Танҳо мавҷудияти тахтаи интерактивӣ дар ҳар синфхона

4. **Кадом шакли кор ба мушовир кумак мекунад, ки муассисаро арзёбӣ кунад?**
   A. Санҷиши расмии ҳуҷҷатҳо
   B. Пурсиши хонандагону омӯзгорон дар бораи муҳити муассиса
   C. Дастур оид ба меъёрҳои нав
   D. Санҷиши ҷадвали дарсӣ ва сарборӣ

5. **Чаро муҳити муошират муҳим аст?**
   A. муайян мекунад, ки дарс чӣ қадар зуд мегузарад
   B. муайян мекунад, ки садои кӣ шунида мешавад, чӣ тавр муколама ташкил мешавад
   C. ба ҷадвали дарсӣ ва ҳаракат дар муассиса вобаста аст
   D. Бе он наметавон сатҳи бароҳатӣ ва амниятро арзёбӣ кард

6. **Мушовир чӣ кор карда метавонад, агар дар муассиса иштироки хонандагон дар ташкили муҳит вуҷуд надошта бошад?**
   A. Ҳама чизро худ тартиб диҳад
   B. Ба маъмурият харидории лавҳаҳои овезонро пешниҳод кунад
   C. Лоиҳаи муштарак бо хонандагонро оғоз кунад: рӯзномаи деворӣ, лавҳа бо суратҳо ва намоишгоҳ
   D. То соли оянда мавқуф гузорад

7. **Ҷумларо ба анҷом расонед: Муҳити таълимӣ ин – ..**

# МАВЗУИ 2

# Муҳити таълим ҳамчун омӯзгори сеюм: назария ва намунаҳо

**Чиро бояд донем:**

- Муҳити таълим на танҳо замина, балки унсури фаъоли равандҳои педагогӣ мебошад
- Муҳити таълим меъёр ва интизориҳои ноаёни таълимро инъикос мекунад.
- Ҳар як тағйироти хурд дар муҳит метавонад фарҳанги муассисаро тағйир диҳад

**Чиро бояд тавонем:**

- Муҳити таълимро таҳлил намуда, нишонаҳои муҳими онро шинохтан.
- Муҳит дорои се сатҳ аст: муҳити ҷисмонӣ, робитаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ.
- Тағйироти хурд, вале муҳим пешниҳод намуда, омӯзгорону хонандагонро ба раванди такмил ҷалб кардан

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

- Чӣ гуна муҳити муассиса ба хонандагон таъсир расонида онҳоро роҳнамоӣ мекунад?
- Кадом расму оинҳо муҳити таълимро ҳамчун як муҳаррик тақвият медиҳанд ва кадоме метавонанд ба рушди озод халал расонад
- Дар муассиса кадом ҷойҳо кам истифода мешаванд ё муҳити фаъол надоранд ва сабаби он дар чист?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**
Баъди омӯзиши мавзуъ метавонед

1. Фаҳмед, ки муҳити таълимӣ чӣ гуна метавонад ҳамчун «омӯзгори сеюм» нақш бозад.
2. Унсурҳои хурд ва намунаҳои муҳити таълимро шинохта, онҳоро дуруст тавсиф намоед.
3. Тағйироти хурдро дар муҳити муассиса ба роҳ монда, бо он ҳамчун низоми умумӣ кор кунед.

## Муқаддима

Муассисаи таълимӣ на танҳо дарсҳо ва омӯзгорон аст. Ҳатто вақте синфхона холист, муҳит ба кӯдак «паём» медиҳад. Агар дар девор акси хонанда бошад, муҳит мегӯяд: «Ту муҳим ҳастӣ». Вале агар ягон нишонаи иштироки хонандагон набошад, паёми муҳит ин аст: «Ин ҷо барои ту нест». Савол ин аст: мо ин паёмҳоро эҳсос мекунем?

Дар педагогикаи Реҷио Эмилия (Reggio Emilia) мафҳуми «Муҳит — омӯзгори сеюм» пайдо шудааст. Омӯзгори аввал — калонсолон, омӯзгори дуюм — худи хонанда ва омӯзгори сеюм — муҳитест, ки ӯ дар он зиндагӣ ва таҳсил мекунад. Ин омӯзгори сеюм метавонад ҳам дастгирикунанда, ҳам дилгиркунанда бошад.

Муҳити муассисаи таълимӣ на танҳо деворҳо ва мебелро дар бар мегирад, балки он чизеро, ки иҷозат дода шудааст, дастгирӣ мешавад ва тарзи ташкили ҳаёти ҳаррӯзаи муассисаро низ фаро мегирад. Ба ибораи дигар, муҳит маҷмӯи овозҳо, расму оинҳо, танзимот ва меъёрҳои фарҳангӣ мебошад. Ҳамаи ин воситаҳои педагогианд, ки метавонанд таълимро тақвият ё иқтидори онро коҳиш диҳанд.

Дар ин машғулият мо кӯшиш мекунем, ки муҳитро бубинем, паёмҳои онро фаҳмем ва дар бораи он фикр кунем, ки чӣ гуна бо он ҳатто дар шароити захираҳои маҳдуд кор кардан мумкин аст.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Муҳити таълим** – маҷмуи шароити ҷисмонӣ, муоширатӣ ва фарҳангӣ, ки раванди омӯзиш дар онҳо сурат мегирад.

**Муҳит ҳамчун омӯзгори сеюм** – консепсияе, ки муҳити муассисаро ҳамчун иштирокчии фаъоли раванди таълим мешуморад.

**Шаклҳои хурди муҳит** – унсурҳои майдае мебошанд, ки ба муҳит маъно медиҳанд: гӯшаи ором, девори эҷодӣ, лавҳа бо номи «ман фахр мекунам, вақте ки...» ва ғайра.

**Расму оинҳои муассиса** – амалиёти такроршавандае, ки зиндагии муассисаро ба сохтор дароварда, фарҳангро шакл медиҳанд.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Мефаҳманд, ки муҳити таълимӣ чӣ гуна метавонад ҳамчун «омӯзгори сеюм» нақш бозад.
2. **У**нсурҳои хурд ва намунаҳои муҳити таълимро шинохта, онҳоро дуруст тавсиф намудан.



### АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**1. Савол - таасурот:**
*Ибораи «Муҳит — омӯзгори сеюм» барои шумо чӣ маъно дорад? Се таасурот*

**2. Изҳорот (фикрҳо)-ро арзёбӣ намуда, дар гурӯҳ муҳокима кунед**
Дар зер мисолҳое оварда шудаанд, ки шумо метавонед бо онҳо мувофиқ ё мухолиф буда шубҳа кунед. Барои худ қайд кунед: ☑ — ҳа, ✖ — не, **?** — розӣ нестам.

1. Муҳити муассисаи таълимӣ фарҳанги муассисаро нишон медиҳад.
2. Тарҳи дохилии муассиса ба раванди таълим таъсир намерасонад.
3. Муҳити муассиса ба шавқи хонандагон мисли худи омӯзгор таъсир дорад.
4. Деворҳои синф метавонанд ҳисси боварӣ ё тарсро нишон диҳанд.
5. Расму оинҳои мактаб вақтро беҳуда мегиранд.
6. Бе таъмири калон ҳам метавон муҳити муассисаро беҳтар кард.
7. Муҳити муассиса  бо ранг, девор ва гӯшаҳо «сухан» мегӯяд, на бо забон.

Шакли кор: Аввалан, ҳар кас ба таври инфиродӣ қайд мекунад, сипас дар гурӯҳи хурд баррасии нуқтаҳои мувофиқ якҷоя оваранда гузаронида мешавад.

**3. Вазъият:**
Мушовир ба синфи математика ворид мешавад. Ин як синфи маъмулӣ дар муассисаи таълимӣ аст. Ҳама чиз тоза ва мураттаб аст: деворҳои сафед, мизҳо дар қаторҳо, дар лавҳи синф мавзуи дарс ва ҷадвали дарсӣ навишта шудааст. Дар деворҳо қоидаҳои рафтор, расмҳои олимон, ҷадвалҳои формулаҳо ва парчам ҷойгир шудаанд. Ягон нишонае аз кори хонандагон нест. Ягон ишорае ба он ки дар ин ҷо кӣ таҳсил мекунад, дида намешавад.

**Саволҳо барои баррасӣ:**

1. Ин синф ба хонандагон чӣ «мегӯяд»? Кадом ишораҳоро метавонад интиқол диҳад?
2. Кадом унсурҳо таълимро дастгирӣ мекунанд? Ва кадоме онро бетараф ё дур месозанд?
3. Чӣ тавр метавон бо омӯзгор дар бораи ин муҳит суҳбатро оғоз кард?
4. Кадом 1–2 тағйироти хурд метавонанд муҳитро бештар «Омӯзгори сеюм» гардонанд?

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 1.2.-ро бодиққат хонда, бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 1.2. фаҳмиши худро санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 1.2.**

Тасаввур кунед, хонанда ба мактаб меояд, дар ҷояш менишинад, омӯзгор хомӯш аст, аммо раванди таълим идома меёбад. Ин ғайриодӣ ба назар мерасад? Агар бигӯем, ки муҳит метавонад омӯзгори сеюм бошад, чӣ фикр мекунед?

Маҳз ҳаминро консепсияҳои муосири педагогӣ таъкид мекунанд. Муҳит иштирокчии фаъоли таълим аст. Он метавонад дастгирӣ кунад ё монеа эҷод намояд, илҳом бахшад ё хаста кунад, омӯзонад ё халал расонад.

Муҳитро метавон аз он чизе, ки аллакай вуҷуд дорад, шакл дод, агар мо омӯзем, ки онро бишнавем ва дуруст истифода барем.

### 1. МУҲИТ — ОМӮЗГОРИ СЕЮМ

Идея аз куҷо пайдо шудааст: Регио Эмилия (Reggio Emilia) ва дигар манбаъҳо

Консепсияи «Муҳит ҳамчун омӯзгори сеюм» аз таҷрибаи педагогии шаҳри Реджио-Эмилия дар Италия сарчашма мегирад. Дар солҳои пас аз ҷанг, вақте ки мактабҳо хароб шуда буданд, омӯзгорон на танҳо биноҳо, балки фазои рушд барои кӯдакон сохтанд.

Ин консепсия ба се ғояи асосӣ такя мекунад:

- **Кӯдак** — эҷодгари фаъоли дониш, на як зарф, балки муҳаққиқ.
- **Калонсолон** — роҳнамо, на назоратчӣ.
- **Муҳит** — иштирокчии сеюм, ки самт медиҳад, ишора мекунад ва илҳом мебахшад.

Дар ин муассисаҳо, муҳит барои таълим кор мекунад: деворҳои шаффоф, корҳои хонандагон дар намоиш, маводҳои барои таҳқиқ дастрас, деворҳо тавассути дафтарҳои визуалӣ, тарҳҳо ва деворҳо бо саволҳо «сӯҳбат» мекунанд.

Аммо муҳимтар аз ҳама муносибат ба муҳит ҳамчун усули педагогист. Ин усулро дар ҳар муассиса, ҳатто бе интерерҳои зебо, татбиқ кардан мумкин аст.

Дар муассиса омӯзгорон ба мо дарс медиҳанд. Вале чӣ гуфтан мумкин дар бораи он чизҳое, ки байни дарсҳо рӯҳ медиҳанд дар вақти танаффус, дар роҳравҳо, дар он чӣ гуна садои нозири навбатдор садо медиҳад ё чӣ гуна деворҳо оро ёфтаанд? Зеро хонанда доимо дар ҷараёни қабул ва тафсири ишораҳост — визуалӣ, садоӣ ва фазоӣ. Ва ин ишораҳо бетараф нестанд.

Метавон гуфт: муҳити таълимӣ худ таълим медиҳад — тавассути он ки чӣ гуна сохтор ёфтааст. На ба таври мустақим, балки бо паёмҳое, ки он ба хонанда мерасонад.

Ин мисли як муколама аст, аммо бидуни сухан. Муҳит «сӯҳбат мекунад» бо лаҳни ташкилии худ: чӣ гуна синфхона тарҳрезӣ шудааст, саҳни муассиса чӣ гуна менамояд, дар лавҳаҳо чӣ навишта шудааст, мактаб субҳ чӣ гуна садо медиҳад.

Ин муколама ҳар рӯз сурат мегирад. Ва масъала дар он нест, ки муассиса бо хонанда ҳарф мезанад ё не — савол дар он аст, ки *чӣ мегӯяд?*

**Муҳит паём медиҳад: «Ту муҳим ҳастӣ»**

Агар корҳои хонандагон дар девор бошанд, агар ба ӯ бо ном муроҷиат кунанд, агар идеяи ӯ ба мавзуи лоиҳа табдил ёбад, он паём мегирад: «Ту арзишмандӣ». Ин як унсури тавонои тарбиявӣ аст. Он эътимод, ангеза ва фаъолиятро ташаккул медиҳад. Ба ёд оред: Агар расми кӯдакии шумо дар девор овезон шуда бошад, шумо чӣ эҳсос мекардед? Ин ҳамон таъсири муҳит аст.

**Муҳит даъват мекунад: «Ту метавонӣ таҳқиқ кунӣ»**

Агар дар синф гӯшаи интихоб, мавод барои озмоиш, ҷой барои роҳҳои ғайриодӣ бошад, хонанда мешунавад: «Ту ҳақ дорӣ ҷустуҷӯ кунӣ».

Ин метавонад қуттии корти саволҳо, овезаҳо бо саволҳо, мизи озмоишҳо бошад. Аммо маҳз онҳо малакаи тафаккури мустақилро ташаккул медиҳанд, ки дар таълими стандартӣ намерасад.

**Муҳит хотиррасон мекунад: «Ту — қисми ҷомеаи муассисаӣ»**

Синфҳои кушода, деворҳои умумӣ, корҳои муштарак, ин танҳо чорабинӣ нест.

Ин паём аст: «Ту танҳо нестӣ, мо якҷояем».

Агар хонанда барои дигарон кори муфид анҷом диҳад, ӯ на танҳо гиранда, балки эҷодгари муҳит мегардад.

Ин яке аз ангезаҳои тавонои рушд аст.

**Муҳит тасдиқ мекунад: «Ту шунида мешавӣ»**

Дар баъзе муассисаҳо «почтаи пешниҳодот», «Лавҳаи савол» ва «Лавҳаи идеяҳо» вуҷуд дорад.

Ин метавонад чизи хурд ба назар расад, аммо агар ин каналҳо воқеан кор кунанд, хонанда мефаҳмад: «Ман шунида мешавам».

Ин аллакай асоси иштироки фаъол аст.

То ки инро амиқтар дарк кунем, биёед ба мисолҳо назар андозем: унсурҳои мушаххаси муҳит ба хонанда чӣ «мегӯянд» ва чӣ паём мерасонанд?

| Унсури муҳит | Паёми он ба хонанда |
|---|---|
| Деворе бо саволҳои ҳафта | *Андешаҳои ту арзишманданд. Мо ба фикру мулоҳизаҳои ту аҳамият медиҳем ва онҳоро эҳтиром мекунем.* |
| Ҷой барои кори мустақилона | *Ту ҳуқуқ дорӣ интихоб кунӣ, тартиб диҳӣ ва масъулияти омӯзиши худро ба даст гирӣ.* |
| Аксҳои хонандагон дар гӯшаи намоишӣ | *Ту ҷузъи муҳими ҷомеаи муассисаӣ. Мо туро мебинем, мешиносем ва қадр мекунем.* |
| Гӯша барои муоширát | *Овози ту муҳим аст. Фикри ту шунида мешавад ва ту сазовори қадр ва ҳамзисти ҳастӣ.* |
| Гӯшаи оромӣ ва хомӯшӣ | *Ҳолати руҳӣ ва эҳсосии ту низ муҳим аст. Агар ту хастагӣ ё фишор эҳсос кунӣ, ин ҷо маконест барои оромӣ.* |

Ин ҷадвал дастур нест, балки тарҷумаи муҳит ба забони маъноҳо мебошад.
Он ба мушовир ва омӯзгор кумак мекунад, ки саволи муҳимро диҳад: «Муассисаи мо чӣ мегӯяд?» «чӣ арзишҳо, назорат, оромӣ ё беэътиноиро интиқол медиҳад?»

## 2. МУҲИТ – ҲАМЧУН ОИНАИ КАЛОНСОЛОН

Ҳамаи он чизе, ки муҳит «мегӯяд», дар асл аз мо – омӯзгорон сарчашма мегирад. Муҳит омӯзгори сеюм мешавад, вақте ки мо онро танҳо як замина намебинем, балки онро ҳамчун интиқолдиҳандаи фарҳанги муассиса дарк мекунем.

Ҳар як интиқолдиҳандаи фарҳанг тарбиятгар аст. Аз ин рӯ, мушовир на танҳо бояд муҳитро арзёбӣ кунад, балки муайян созад, ки МТМУ мехоҳад кадом паёмро интиқол диҳад.

**Мисолҳо аз муассисаҳои таълимӣ**

Шояд шумо фикр кунед: ин ҳама зебо аст, аммо чӣ гуна онро дар шароити муассисаи деҳот бо маводи маҳдуд ё муассисаи шаҳрӣ бо синфҳои пурбор татбиқ кардан мумкин аст?

Ҷавоб: тавассути унсурҳои муҳит:

- Дар як муассиса хонандагон «Лавҳаи кашфиёт» месозанд – ҳар кас менависад, ки дар ҳафтаи гузашта чӣ чизи навро омӯхтааст. Ин маблағ талаб намекунад, аммо муносибатро ба дарс тағйир медиҳад.
- Дар дигар муассиса ҳар душанбе бо «саволи ҳафта» оғоз мешавад – ҳатман на аз барнома, балки барои рушд додани тафаккур.
- Баъзе муассисаҳо минтақаҳои истироҳат месозанд, аз қолинҳои кӯҳна ва болиштҳо. Ин фазои муоширaт ва истироҳат мегардад, хусусан барои наврасон.

Муҳим нест, ки чӣ доред, балки чӣ гуна онро истифода мебаред. Мушовир дар ин ҷо мушоҳидачӣ аст: ӯ имкониятҳои муҳитро ҳатто дар шароити маҳдуд нишон медиҳад.

**Расму оинҳо ҳамчун забони муасисаи таълимӣ: хонанда чӣ мебинад ва чӣ эҳсос мекунад?**

Мо кам фикр мекунем, аммо расму оинҳо – асоси ҳаёти муассисаи таълимӣ мебошанд. Онҳо сохтор ва маъно доранд. Онҳо такрор мешаванд, устуворӣ меоранд, одатҳоро шакл медиҳанд.

Формулаи расму оинҳо: Расму оин = Одат + Фикр

Ҳаёти муасисаи таълимӣ пур аз расму оинҳои хурд аст:

- Кӣ аввал салом медиҳад?
- Чӣ тавр дарс оғоз мешавад?
- Кӣ метавонад савол диҳад?
- Чӣ тавр ба ғалатҳо вокуниш нишон медиҳанд?
- Дар охири ҳафта чӣ мешавад?

Агар ҳамаи ин механикӣ сурат гирад, муҳит мегӯяд: «Ту танҳо як “мурват” ҳастӣ». Аммо агар расму оин интихоб, эҳтиром ва иштирокро дар бар гирад, он тарбиятгар мешавад. Чӣ тавр расму оинҳо фарҳангро шакл медиҳанд? Ба ҷадвал назар андозед:

| **Расму оин** | **Паёми он ба хонанда** |
|---|---|
| Омӯзгор аввал салом медиҳад | *Ман туро мебинам ва қадр мекунам. Ҳузури ту муҳим аст. Ту ҳамчун шахсият шинохта мешавӣ, на танҳо шогирд.* |
| Дар оғози дарс — саволе барои андеша | *Фикр кардан — оғози омӯзиш аст. Андешаронӣ арзишманд аст ва ҳар кас сазовори он аст, ки озодона биандешад.* |
| Дар анҷоми ҳафта — ҷамъбасти рӯйдодҳо | *Мо як гурӯҳи ягонаем. Мо бо ҳам зиндагӣ ва меомӯзем. Ҳар як ҳафта таҷрибаест, ки якҷоя дида мебароем.* |
| Пас аз иштибоҳ — кафкӯбӣ барои ҷасорат | *Хато кардан айб нест — ин ҷузъи рушди шахсӣ аст. Мо ҷасорат ва кӯшиши ту барои омӯзишро қадр мекунем.* |
| Ҳар рӯз як хонанда «5 дақиқаи ҷолиб»-ро пеш мебарад | *Ту қобилият дорӣ, ки дигаронро омӯзонӣ. Илму фаҳмиши ту аҳамият дорад ва метавонад барои дигарон манфиатбахш бошад.* |

**Мушовир чӣ кор карда метавонад?**

Мушовир метавонад:

- Расму оинҳои мавҷударо бо омӯзгорон сабт кунад.
- Таҳлил кунад, ки онҳо чиро интиқол медиҳанд: рушдро дастгирӣ мекунанд ё не.
- 1–2 расму оини нав пешниҳод кунад.
- Бо омӯзгорон «Ангезиши зеҳн» гузаронад: «Кадом расму оинҳои нав ба мо мувофиқанд?», расму оинҳо – забонест, ки ҳар рӯз садо медиҳад, ҳатто вақте ки омӯзгорон хомӯшанд. Расму оинҳои дуруст таҳияшуда захираи ройгони дастгирии педагогӣ мебошанд. Муҳим – аз тағйири одатҳо наҳаросидан аст!

## 3. МУШОВИР ЧӢ КОР КАРДА МЕТАВОНАД?

Мушовир метавонад ба муҳити муассиса таъсир расонад? Ба назар мерасад – не.

Ӯ ҳуқуқи мустақим барои тағйири деворҳо, хариди мебел ё ташкили фазои муассиса надорад. Аммо таъсири мушовир дар дигар чиз аст:

- Ӯ метавонад намудҳои муҳитро мушоҳида кунад.
- Ӯ метавонад қадамҳои хурдеро дастгирӣ кунад, ки ба тағйироти фарҳангӣ оварда расонанд.

Муҳим аст, ки имкониятҳои худро на аз ҳад зиёд арзёбӣ кунем ва на кам. Мушовир бояд дар хотир дошта бошад: Муассисаи таълимӣ – ин системаи муҳитӣ аст, на техникӣ. Як тағйирот реаксияи занҷирӣ намеофарад, балки тавассути робитаҳои мутақобила амал мекунад: таваҷҷуҳ, эътимод, мувофиқа.

Кор на аз талабот, балки аз мушоҳида ва саволҳо оғоз намешавад:

- Чӣ кор мекунад?
- Чӣ халал мерасонад?
- Чӣ метавонад ҳозир тақвият ёбад?

Ҳатто як муҳокима бо омӯзгорон, як ташкили муҳит ё ҷалби хонандагон метавонад оғози ҳаракат гардад. Муҳим на танҳо монеаҳоро дидан, балки нуқтаҳои рушдро низ шинохтан аст.

**Қадамҳое, ки мушовир метавонад анҷом диҳад:**

1. **Аз мушоҳида оғоз кунед:**
   - Ба муассисаи таълимӣ бо чашми хонанда нигоҳ кунед: чӣ мебинед? Чӣ эҳсос мекунед?
   - Ин нишондиҳандаи аввал аст, ки муҳит чӣ мегӯяд.

2. **Муҳокима бо омӯзгоронро оғоз кунед:**
   - Муассисаи мо ба хонандагон чӣ «мегӯяд»?
   - Мо мехоҳем, ки он чӣ бигӯяд?

3. **Як тағйироти хурдро оғоз кунед. Масалан:**
   - Лавҳаи саволҳои ҳафта.
   - Лавҳаи пешниҳодҳо аз хонандагон.
   - Галереяи ҷавобҳо ба саволҳои ғайриимкон.

4. **Хонандагонро ҷалб кунед:**
   - Онҳо лавҳаи пешниҳодро оро диҳанд.
   - Харитаи муасисаро бо шарҳҳо кашанд.
   - Ибораҳоро пешниҳод кунанд, ки муассисаи таълимӣ чӣ бояд гӯяд.
   - Расм ё навори кӯтоҳ созанд: «Ҷойи дӯстдоштаи ман дар муассиса ва чаро?»

5. **Муваффақиятҳои хурдро сабт кунед.**
   - Акс гиред, идеяро дар гурӯҳи маҳаллӣ мубодила кунед, дар маҷлиси омӯзгорон нишон диҳед.

**Замима**

# «Муҳит ҳамчун омӯзгори сеюм»

**Намунаи 1. Саволнома барои омӯзгорон ва маъмурият**

*«Муҳити муассисаи таълимӣ ба хонандагон чӣ мегӯяд»?*

| № | Савол | Ҳа | Қисман | Не |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Оё дар муҳити муасиса (синфҳо, долонҳо) корҳои хонандагон дида мешаванд? | | | |
| 2 | Оё дар муассиса ҷойе ҳаст, ки хонанда метавонад савол диҳад ё идеяи худро баён кунад (лавҳа, қуттӣ, гӯша)? | | | |
| 3 | Оё ороиши синфхона ва роҳравҳо дар давоми сол нав карда мешаванд? | | | |
| 4 | Оё ҷой барои кори мустақилона ё гурӯҳии хонандагон берун аз дарс вуҷуд дорад? | | | |
| 5 | Оё овози хонандагон на танҳо дар дарс, балки дар ташаббусҳо ва стендҳо шунида мешавад? | | | |
| 6 | Оё шаклҳои гуногуни расму оинҳои мусбат истифода мешаванд (масалан, «саволи рӯз»)? | | | |
| 7 | Оё минтақаҳои оромӣ барои паст намудани эҳсосот мавҷуданд (ҳатто ҷойҳои ғайрирасмӣ)? | | | |
| 8 | Оё хонандагон дар ороиш ва рушди муҳит иштирок мекунанд? | | | |
| 9 | Оё муҳит интихоби хонандагонро дастгирӣ мекунад: вазифаҳо, суръат, шакли кор? | | | |
| 10 | Оё унсурҳои оддии муҳити зебо ва роҳат вуҷуд доранд? Масалан: ҷойи қулайи нигоҳдорӣ, покизагӣ, субот, гулҳои зинда, матоъҳо ва корҳои дастии эҷодии кӯдакон» | | | |

**Чӣ тавр метавонистифода бурд:**

Мушовир метавонад ин саволномаро дар машварати методӣ ё суҳбатҳои инфиродӣ бо омӯзгорон истифода барад. Муҳимтар аз ҳама – на барои анкетагузаронӣ, балки барои оғоз кардани инъикос ва муколама.

- Баррасӣ кунед: чӣ аллакай кор мекунад? Чӣ осон тағйир дода мешавад?
- 2–3 идеяро барои озмоиш дар як моҳ интихоб кунед.
- Аз омӯзгорон хоҳиш кунед, ки сабт кунанд, ки чӣ гуна тағйирот ба хонандагон таъсир расонд:
    1. Онҳо аввал чӣ мушоҳида карданд?
    2. Чӣ гуна ба он муносибат карданд?
    3. Чӣ дар рафтори онҳо тағйир ёфт?

**Воситаи 2. Варақаи мушоҳидаи муҳити муассисаи таълимӣ**

| № | Ҷанбаи мушоҳида | Чӣ мушоҳида шуд? (далелҳо, тафсилот, мисолҳо) | Муҳит ба хонандагон чӣ «мегӯяд»? |
|---|---|---|---|
| 1 | Фазои синф | Масалан: ҷойгиршавии мизҳо, тақсимоти муҳит, равшанӣ, ҷой барои гурӯҳҳо | |
| 2 | Деворҳо ва муҳити аёнӣ (визуалӣ) | Чӣ дар деворҳо ҳаст? Навсозӣ, мувофиқати мавод, кори омӯзгорон ё хонандагон? | |
| 3 | Атмосфераи садо | Лаҳни омӯзгор, баландӣ, ҳузури овози хонандагон | |
| 4 | Ҷой барои «интихоб» | Оё ҳадди ақал як ҷой ҳаст, ки хонанда метавонад вобаста ба мавзуъ як супориш ва роҳи ҳалро интихоб кунад? | |
| 5 | Минтақаҳои истироҳат | Оё муҳити «бе фишор» вуҷуд дорад (ҳатто шартан)? | |
| 6 | Расму оинҳо | Чӣ тавр дарс оғоз ва анҷом меёбад, оё расму оинҳои дастгирӣ мавҷуданд? | |
| 7 | Иштироки хонандагон | Дар куҷо дида мешавад, ки хонанда на танҳо иҷрокунанда, балки ҳаммуаллиф аст? | |
| 8 | Паёмҳои умумии муҳит | Тасвири умумӣ: Кадом 2–3 паёмро муассиса тавассути муҳит интиқол медиҳад? | |

**Чӣ тавр метавон истифода бурд:**

Мушовир метавонад дар вақти гаштугузор дар муассисаи таълимӣ ё мушоҳида дар синф истифода барад.

- Аз 2–3 синфхона, долон ва саҳни муассиса гузаред.
- Маҳкум ё танқид накунед, балки мушоҳида ва сабт кунед.
- Агар имкон бошад, акс гиред ва бо омӯзгорон баррасӣ кунед.
- Дар охир як идея барои беҳбудӣ пешниҳод кунед, ки то охири чоряк амалӣ кардан мумкин аст.

Метавон як маротиба дар чоряк ҳамчун воситаи ташхисӣ истифода бурд – на барои назорат, балки барои таҳлили пешбурди фаъолият.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. Муҳит на танҳо замина, балки «тарафи сеюм»-и ҳамкории муассисавӣ мебошад.
2. Тағйироти хурди муҳит метавонад тағйироти фарҳангиро оғоз кунад.
3. Расму оинҳо, ороиш ва минтақаҳои интихоб – воситаҳои педагогӣ мебошанд.
4. Муҳити муассиса меъёру арзиш ва интизориҳоро интиқол медиҳад – муҳим аст, ки дар ин паём овози хонанда шунида шавад.
5. Мушовир метавонад ҳамчун роҳнамо амал кунад, ҳатто бе захираҳо: мушоҳидаву баррасӣ карда, пешниҳодҳо намояд.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Аз гуфтаҳои имрӯз дар бораи «Муҳит ҳамчун омӯзгори сеюм» чӣ барои шумо нав буд?
2. Чӣ шуморо ҳайрон кард ё маҷбур сохт, ки ба муҳити муассиса аз диди нав нигоҳ кунед?
3. Кадом 1–2 идеяро мехоҳед дар муассисаи худ озмоиш кунед?
4. Барои татбиқи онҳо – ғайр аз хоҳиш – чӣ лозим аст?
5. Кадом унсурҳои муҳит дар муассисаи маъмулӣ ҳамчун «омӯзгори сеюм» кор мекунанд? Ва кадоме «хомӯшанд?»
6. Чӣ халал мерасонад, ки муҳити таълимро дар сатҳи даста мушоҳида ё баррасӣ кунем?
7. Кадом шаклҳои хурд ё расму оинҳоро метавонед ҳозир ворид кунед, то муҳитро тақвият диҳед?
8. Кадом усул ба тағйири муҳит барои шумо наздиктар аст: тавассути ороиш, муошират, расму оинҳо? Чаро?
9. Ба ғайр аз омӯзгорон ва маъмурият дар бознигарии муҳит боз кӣ метавонад иштирок кунад? Чӣ тавр онро ташкил кардан мумкин аст?

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАИ ТАЪЛИМ:**

1. Бо муассисаи таълимӣ ҳамчун як низоми муҳит кор карда, тағйироти хурдро дар он ворид кардан.

## КОРИ АМАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

**Кори амалии 1. Шаклҳои хурди муҳит**

**Ҳадаф:** Омӯхтани роҳҳои шинохти паёмҳои шаклҳои хурди муҳит.

**Шакли кор:** Кори дунафарӣ.

Унсурҳои пешниҳодшуда ин 10 ҳалли оддӣ мебошанд, ки муҳити таълимиро ҳамчун «Омӯзгори сеюм» шакл медиҳанд. Ҳадафи онҳо муоширати бо хонандагон бе сухан, тавассути ороиш, интихоб ва фазои синф/муассиса мебошад.

**Супориш:**

1. Ҳар як шакл (ё унсури муҳит) паёмеро дар бар дорад, ки ба рушди тафаккур, ангеза ва иштироки хонанда мусоидат мекунад. Кӯтоҳ ва возеҳ нависед: ҳар шакл (ё унсур) чӣ мегӯяд ва чӣ паёмро мерасонад.

**ДАҲ УНСУРИ ХУРДИ МУҲИТ ҲАМЧУН «ОМӮЗГОРИ СЕЮМ»**

| № | Ном | Тавсифи кӯтоҳ | Муҳит чӣ «мегӯяд»? |
|---|---|---|---|
| 1 | **Имрӯз ман фаҳмидам…** | Хонандагон дар дарс ё рӯз чизи омӯхташударо менависанд. Метавонанд стикер, лавҳи синф ё варақ истифода кунанд. | |
| 2 | **Ғалатҳо – ин рушд аст** | Хатогиҳо дар овезаҳо + таҳлил. Бе ном ё бо шарҳи худи хонанда. | |
| 3 | **Почтаи пешниҳод** | Қуттӣ ё овеза барои идеяҳо, шикоятҳо, хоҳишҳо. | |
| 4 | **Саволи ҳафта** | Ҳар ҳафта – саволи нав ва кушода. Хонандагон гунаҳои худро менависанд. | |
| 5 | **Харитаи «Ман – ҷузъи ин мактаб»** | Хонандагон худро дар харитаи синф/муассиса ишора мекунанд. | |
| 6 | **Чаро ин муҳим аст?** | Пеш ва баъд аз омӯзиши мавзуъ хонандагон тахия мекунанд – «Барои чӣ ин лозим аст?» | |
| 7 | **Акси таърихии дарс** | Як акс бо шарҳи хонанда: «Имрӯз ман…» | |
| 8 | **Харитаи тахқиқотчӣ** | Хонанда мавзуъҳои омӯхташударо ҳамчун масир ишора мекунад. | |
| 9 | **Омӯзгор меомӯзад** | Омӯзгор менависад: «Дар ин ҳафта ман фаҳмидам…» | |
| 10 | **Намоишгоҳи идеяҳои хурд** | На танҳо лоиҳаҳои тайёр, балки нақшаҳо ва фикрҳо низ ҷойгир карда мешаванд. | |

**Кори амалии 2: Ҷорӣ кардани шаклҳои хурди муҳити омӯзишӣ**

**Ҳадаф:** Омӯхтани банақшагирии ҷорӣ кардани шаклҳои соддаи муҳити омӯзишӣ, ки ба фазо, фарҳанг ва раванди таълим таъсири мусбат мерасонанд.

**Шакли кор:** Кори дунафарӣ.

**Супориш:**

1. Кадом 1–2 шаклҳои хурди муҳитро шумо барои санҷиш ба омӯзгор дар синф тавсия медиҳед?
2. Бо «Варақаи санҷиши ҷорӣ кардани шаклҳо» шинос шавед — чӣ гуна мушовир шаклҳои хурди муҳитро татбиқ карда метавонад (тасаввур кунед, ки ҳамаи қадамҳо иҷро шуданд).
3. Ҷадвали «Майдони банақшагирӣ барои мушовир»-ро пур кунед.

**ВАРАҚАИ САНҶИШӢ БАРОИ ТАТБИҚ**

| Қадам | Савол | Ҳа | Не | Шарҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Оё баррасӣ бо омӯзгорон гузаронида шуд: «Муассисаи мо ба хонандагон чӣ мегӯяд»? | | | |
| 2 | Оё 1–2 шаклҳои хурди барои оғоз мувофиқ, интихоб шудаанд? | | | |
| 3 | Оё омӯзгорони масъул муайян шудаанд? | | | |
| 4 | Оё гӯша/овеза/шакли татбиқ мувофиқа шудааст? | | | |
| 5 | Оё шакли намоёни сабт мавҷуд аст (овеза, варақ, лавҳа)? | | | |
| 6 | Оё таърихи робитаи мутақобила бо хонандагон ба нақша гирифта шудааст? | | | |
| 7 | Оё тағйирот сабт мешаванд (аксҳо, мушоҳидаҳо)? | | | |

**МАЙДОНИ БАНАҚШАГИРӢ БАРОИ МУШОВИР**

| Шакли хурд | Дар куҷо татбиқ мешавад | Кӣ масъул аст | Кай оғоз кардан | Чӣ тавр таъсирро чен кардан |
|---|---|---|---|---|
| **Ғалат – ин рушд аст»** | Синфи 6,Б | Омӯзгори география | Аз 15 сентябр | Шумора ва сифати изҳорот |
| **«Ман фаҳмидам…»** | Синфи 7,А | Омӯзгори математика | Октябр | Камшавии тарс, иштироки фаъол |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

**Кори амалии 3: Расму оинҳои муассисавӣ, киро меомӯзад**

**Ҳадаф:** Интихоби расму оини сода барои ҷорӣ кардан дар муҳити муассиса.

**Шакли кор:** Кор дар гурӯҳҳо.

**Супориш:**

1. 2–3 расму оинеро интихоб намоед, ки ба осонӣ ва зуд дар муҳити муассиса татбиқ мешаванд.
2. Рӯйхати намунаҳоро такмил диҳед: 2–3 унсури нави эҷодкардаи худро пешниҳод намоед.

**Намунаи расму оинҳои муассисавӣ:**

1. **«Саволи рӯз» дар субҳ**
Дар назди даромадгоҳи муассиса дар лавҳа савол навишта мешавад (на аз барномаи дарсӣ, балки ҳаётӣ). Хонандагон ҷавобҳои кӯтоҳ менависанд. Беҳтаринҳо дар ҷамъомад садо медиҳад.
2. **«Доира дар оғози ҳафта»**
Ҳар рӯзи душанбе 5 дақиқа хонандагон фикрҳои худро мубодила мекунанд: аз ҳафта чӣ интизоранд, аз чӣ метарсанд, ба чӣ итминон доранд.
3. **«Соати хомӯшӣ»**
Дар як моҳ, як маротиба омӯзгор дар дарс ҳарф намезанад. Фақат хонандагон ё гурӯҳҳо дарсро мегузаронанд. Омӯзгор назорат мекунад ва бидуни сухан дастгирӣ мекунад.
4. **«Некиро расон»**
Ҳар ҷумъа як хонанда ба таври ношинос ба як хонандаи дигар номаи дастгирӣ менависад (шахси қабулкунанда тасодуфӣ интихоб мешавад). Ин метавонад таманно, изҳори сипос ё шӯхӣ бошад. Нома беном хонда мешавад.
5. **Расму оини анҷоми дарс: «Як хулоса»**
Ҳар хонанда менависад: «Андешаи асосии ман аз ин дарс чист?» Инро метавон садо дод ё ба лавҳи синф часпонд.
6. **Харитаи синф: Кӣ бо чӣ фахр мекунад**
**«Ман фахр мекунам, ки...»** 2–3 воқеа ё дастоварди хотирмонро ба ёд меоранд. Ҳар хонанда як ҷумла менависад: «Ман фахр мекунам, ки...»
7. **Хатогиҳои ҳафта — ба девор овезон**
Бе ном: хатогиҳои ҷолиб таҳлил мешаванд ва шарҳ дода мешавад, ки чӣ гуна онҳо барои омӯзиш кӯмак карданд.
8. **Омӯзгор ҳам меомӯзад**
Омӯзгор қисса мекунад ё нишон медиҳад, ки худ дар давоми ҳафта чиро омӯхтааст.
9. **Почтаи пешниҳодот**
Як қуттӣ барои пешниҳод: хонандагон метавонанд фикрҳо, саволҳо, пешниҳод ва ҳатто шикоятҳои худро дар он гузоранд.
10. **Микрофон барои хонанда**
Дар охири дарс як хонанда имкони баён кардани идея, мушоҳида ё саволи худро мегирад.
11. **Лавҳи синф «Чаро ин муҳим аст?»**
Хонандагон менависанд, ки чаро мавзуи имрӯза дар ҳаёти онҳо метавонад муфид бошад.
12. **Расму оини хомӯшӣ**
Дар оғози ҳар дарс 1–2 дақиқа хомӯшӣ — барои мутамарказ шудан ва омодагӣ.

## ПОНЗДАҲ РАСМУ ОИНИ МУАССИСАВӢ, КИ ТАЪЛИМ МЕДИҲАНД

Барои мушовир ва омӯзгорон ин як воситаи амалӣ аст: онро метавон ҳамчун намуна барои муҳокима ва банақшагирии тағйирот дар фарҳанги муассиса истифода бурд.

| № | Номи расму оин | Чӣ тавр гузаронида мешавад | Муҳит ба хонандагон чӣ «мегӯяд»? | Таъсир/ҳадаф |
|---|---|---|---|---|
| 1 | **Салом дар дари синф** | Омӯзгор шахсан бо ҳар хонанда дар даромадгоҳ салом мекунад. | «Ту дар ин ҷо муҳим ҳастӣ» | Тамосро ташаккул медиҳад, изтиробро коҳиш медиҳад. |
| 2 | **Саволи рӯз / ҳафта** | Дар тахтаи синф саволи тафаккур аст. Хонандагон менависанд ё муҳокима мекунанд. | «Фикри ту арзиш дорад» | Тафаккурро инкишоф медиҳад, шавқро бедор мекунад. |
| 3 | **Давраи «умедҳои ҳафта»** | Ҳар душанбе хонандагон нақша ва умедҳои худро баён мекунад. | «Ҳадафҳои ту муҳиманд» | Рефлексия, банақшагирӣ. |
| 4 | **Як хулоса дар охири дарс** | Хонандагон 1 фикрро менависанд ё баён мекунанд. | «Ту метавонӣ таҳлил кунӣ» | Мустаҳкамсозӣ ва дарки маъно. |
| 5 | **Ҷашни хурди муваффақият дар ҷумъа** | 2–3 рӯйдоди муҳим ё дастовардҳои ҳафта ёдоварӣ мешаванд. | «Мо муваффақиятро қадр мекунем» | Дастгирӣ, ҷамъбасти ҳафта. |
| 6 | **Хатогиҳои ҳафта – дар овеза** | Бе номҳо: хатогиҳо таҳлил мешаванд ва чӣ гуна онҳо ба омӯзиш кумак карданд. | «Хатогӣ кардан муқаррарӣ аст» | Тарсро коҳиш медиҳад, таҳлилро инкишоф медиҳад. |
| 7 | **«Пайғоми некӣ»** | Мактубҳои дастгирӣ аз хонанда ба хонанда (анонимӣ ё ошкоро). | «Ту танҳо нестӣ" | Эмпатия, муҳити эътимод. |
| 8 | **Омӯзгор нақл мекунад – "Ман низ меомӯзам»** | Омӯзгор нақл мекунад, ки дар ҳафтаи гузашта чӣ омӯхтааст. | «Омӯзиш барои ҳама муқаррарӣ аст» | Эҳтиром, баробарӣ. |
| 9 | **Почтаи пешниҳодот** | Қуттӣ, ки хонандагон дар он идеяҳо, саволҳо, шикоятҳо мегузоранд. | "Овози ту шунида мешавад» | Иштироки фаъол. |
| 10 | **Микрофон барои хонанда** | Дар охири дарс – 1 хонанда идея, мушоҳида ё саволро баён мекунад. | «Ту маъно эҷод мекунӣ» | Фаъолсозӣ, эътимод. |
| 11 | **Тағйири нақшҳо** | Баъзан дарсро хонанда ё гурӯҳ мегузаронад. | «Ту на танҳо пайрав, балки роҳбарӣ» | Масъулият, ташаббус. |
| 12 | **Лавҳаи «Чаро ин муҳим аст?»** | Хонандагон менависанд, ки мавзуъ дар зиндагӣ чӣ гуна муфид аст. | «Пайвастагӣ бо воқеият муҳим аст» | Дарки маънои таҳсил. |
| 13 | **Райгирии визуалӣ** | Масалан, бо стикерҳои ранга: «Имрӯз ба ту чӣ писанд омад? » | «Мо таҷрибаи туро қадр мекунем» | Фикру мулоҳиза, таваҷҷуҳ ба хонанда. |
| 14 | **Харитаи синф: кӣ ба чӣ ифтихор мекунад** | Ҳар кас менависад: «Ман ифтихор мекунам, ки..." | «Ҳар кас муваффақият дорад» | Эҳтиром, арзиши шахсӣ. |
| 15 | **Расму оини оромӣ** | 3 дақиқаи оромӣ дар оғози рӯз/дарс барои мутобиқшавӣ. | «Ту ҳақ дорӣ ба танаффуси ботинӣ» | Дарки худ, коҳиши фишор. |

# МАВЗУИ 3

## Ташхиси муҳити муассисаи таълимӣ ва кор бо монеаҳо

**Чиро бояд донем:**

- Чӣ тавр муҳит «ишора» медиҳад — дастгирикунанда ё маҳдудкунанда.
- Чӣ тавр муҳити зинда ва рушдкунанда аз муҳити расмӣ ва «Муҳити бетараф» фарқ мекунад.
- Кадом монеаҳо аксар вақт дида намешаванд, аммо ба фазои муассиса таъсири ҷиддӣ мерасонанд.
- Кадом воситаҳои ташхисӣ ҳатто дар шароити захираҳои маҳдуд дастрасанд.

**Чиро бояд тавонем**

- Муайян кардани «Муҳити таълим» ва маънои онҳо барои хонандагон.
- Истифодаи усулҳои оддии мушоҳида ва пурсишномаҳо барои таҳлили муҳити таълимӣ.
- Ҷалби хонандагон ва омӯзгорон барои дарки муҳити муассиса ва беҳтар кардани он.
- Таҳлили «минтақаҳои хомӯш»-и муассиса ва муайян кардани монеаҳо
- Пешниҳоди тағйироти хурд барои беҳбудӣ, бидуни хароҷоти зиёди моддӣ.
- Дастгирии омӯзгорон дар навсозии муҳит ва таҳкими фазои таълимӣ.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

- Чӣ гуна муҳити муассиса бо хонандагон «суҳбат мекунад» ва чӣ паём интиқол медиҳад?
- На танҳо суханон, балки ороиш, муҳит ва усули ташкили муассиса низ ба хонандагон таъсир мерасонанд.
- Кадом ҷойҳои муассиса фаъолона паём медиҳанд ва кадоме таълимро ба таври ғайрифаъол паси парда нигоҳ медоранд?
- Чӣ гуна як тағйироти хурд метавонад оғози раванд ё ташаббуси нав гардад?
- Мушовир бештар бояд мушоҳида кунад, илҳом бахшад ё ташкили муҳитро ба роҳ монад?

## НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

Баъди омӯзиши ин мавзуъ метавонед

1. Тавсифи нақши муҳит ҳамчун ҷузъи раванди таълим.
2. Муайян кардани монеаҳои маъмул ва дарки таъсири онҳо.
3. Истифодаи воситаҳои оддии ташхиси муҳит.
4. Таҳияи нақшаи як тағйироти хурд дар муҳити муассисаи таълимӣ.

# Муқаддима

Вақте ки мо дар бораи муҳити муассисаи таълимӣ сухан мегӯем, аксар вақт муҳити ҷисмонӣ – деворҳо, мебел, ҷадвали дарсҳоро дар назар дорем. Аммо муҳит танҳо физикӣ нест. Он ҳар рӯз ба хонанда ва омӯзгор паём медиҳад: «Туро дар ин ҷо интизоранд…» ё баръакс «Ин ҷо …»

Муҳит бе нутқ тавассути ороиш, роҳҳо, расму оинҳо, лаҳн ва ҳатто хомӯшӣ сӯҳбат мекунад. Ин метавонад таълимро тақвият диҳад ё монеа эҷод кунад. Он метавонад илҳом бахшада, хастагӣ орад. Он метавонад фаъол бошад – ё бетараф.

Мушовир ва роҳбари муассисаи таълим касоне мебошанд, ки метавонанд ҳодисаҳои муҳитро мушоҳида кунанд, монеаҳоро шинос намоянд ва тағйирот ворид кунанд. На ислоҳоти бузург, балки тағйироти хурд, дақиқ ва инсонӣ.

Баъзан танҳо иваз кардани шакли эълонҳо, ворид кардани гушаи пешниҳодҳо аз хонандагон, ҷалби хонандагон ба ороиши муассиса кофӣ аст, ки муҳит ба таври дигар суҳбат кунад.

Дар ин машғулият мо ҳамчун роҳбар бо диққат мушоҳида ва таҳлил менамоям, ки:

- муассисаи таълимӣ ба хонандагон чӣ «мегӯяд»?
- чӣ чизро пинҳон мекунад?
- чӣ тавр муҳитро аз як замина ба шарики таълимӣ табдил додан мумкин аст**?**

# Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Муҳити таълимӣ** — маҷмӯи шароити ҷисмонӣ, эҳсосӣ ва ташкилӣ мебошад, ки ба омӯзиш ва рушди шахс таъсир мерасонад.

**Ишора (сигнал)-ҳои муҳит** — муҳит ба иштирокчиён паёмҳои ғайришифоҳӣ мерасонад (масалан, кӣ муҳим аст, озодӣ ҳаст ё не), ки метавонанд таълимро дастгирӣ ё маҳдуд кунанд.

**Ташхиси муҳит** — таҳлили равандҳои таълим барои шинохти таъсири муҳит ва оғоз кардани ислоҳот.

**Монеаҳои муҳит** — монеаҳои ҷисмонӣ, коммуникативӣ ва фарҳангӣ метавонанд шароити омӯзишро заиф гардонанд.

**Тағйироти хурд** — тағйироти хурд (монанди гӯшаи ором, гушаи пешниҳодҳо, ҷойгиршавии изу курси ба тарзи нав) метавонанд муҳитро ҳатто дар шароити маҳдуд беҳтар кунанд.

# МАШҒУЛИЯТИ 1

## НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

1.Тавсифи нақши муҳит ҳамчун ҷузъи раванди таълим.
2. Муайян кардани монеаҳои маъмул ва дарки таъсири онҳо ба раванди таълим.



## АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**Вазифа барои гурӯҳҳо: интихоб кардани акс + як супориш**

***Супориши 1. Акси бешарҳ***
**Саволҳо:**

- Чӣ эҳсос мекунед, вақте ба ин муҳит нигоҳ мекунед?
- Кадом ишораҳоро он ба хонандагон мерасонад?
- Бо кӯшишҳои хурд чӣ гуна тағйирот ворид
- кардан мумкин аст?
- 2–3 идея пешниҳод кунед.





**Супориши 2. Ташхис аз нигоҳи хонанда**
**Саволҳо:**

- Дар куҷо ӯ метавонад худро нишон диҳад?
- Дар куҷо ӯро мешунаванд?
- Кадом муҳит паём медиҳад: «Ту дар ин ҷо муҳим ҳастӣ»?
- Чӣ кор кардан мумкин аст, то ин ҷойи «омӯзиш» гардад? 2–3 идея пешниҳод кунед**.**



## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 1.3.-ро бодиққат хонда, бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 1.3. фаҳмиши худро санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 1.3**

### Муқаддима

Ҳар як муассиса ба хонандагони худ паём медиҳад, ҳатто вақте ки хомӯш аст. Деворҳои холӣ, дарҳои баста, ҷойгиркунии тағйирнаёфтаи мизҳо, набудани фазои шахсӣ – ҳамаи ин паёмҳои муҳит мебошанд. Савол танҳо дар он аст, ки муассиса кадом ишораҳоро мефиристад ва оё мо онҳоро дарк мекунем?

Мо аллакай дида баромадем, ки муҳит метавонад омӯзиш ва ташаббусро дастгирӣ кунад. Аммо агар мо худи муассисаро таҳлил накунем, хатари нодида гирифтани муҳит вуҷуд дорад – ва он аз омӯзгори сеюм ба фазои бетараф табдил меёбад.

**1. Чаро ва чӣ тавр муҳити муассисаро ташхис кардан лозим аст?**

Одатан, вақте ки ташхис мегӯем, анкетаҳо, диаграммаҳо ва фоизҳо ба ёд меоянд. Аммо дар муҳити таълимӣ, хусусан дар шароити маҳдуд, муҳимтар аз ҳама на ҳисоб кардан, балки дидан, шунидан ва эҳсос кардан аст.

**Ташхиси муҳити муассисаи таълимӣ:**

- Чаро дар баъзе синфхонаҳои муассисаи таълимӣ, пур аз овозҳо, шавқ ва иштироки фаъол мушоҳида мешавад, аммо дар дигар синфхона хомӯшӣ ҳукмфармост?
- Кадом синфхонаҳоро метавон тақвият дод, ҳатто бе таъмир, танҳо тавассути маъно ва таваҷҷуҳ?

**Чӣ муҳим аст, ки ташхис карда шавад?**

- **Муҳити физикӣ**: Оё дар ин ҷо будан бароҳат аст? Оё минтақаҳои интихоб мавҷуданд? Оё корҳои хонандагон дида мешаванд?
- **Муҳити муоширатӣ**: Кӣ сухан мегӯяд ва кӣ гӯш мекунад? Оё ҷой барои овози хонандагон вуҷуд дорад?
- **Меъёрҳои фарҳангӣ**: Оё савол додан ташвиқ мешавад? Оё фикрҳои гуногун қабул мешаванд? Чӣ гуна ба хатогиҳо муносибат мекунанд? Анъанаҳои муассиса чӣ гунаанд?

Саволе, ки ташхисро оғоз мекунад: «Агар ман хонанда мебудам – мехостам дар ин синф таҳсил кунам?»

Баъзан муфид аст, ки хонандагон ё омӯзгоронро хоҳиш кунем, ки ба 5–7 изҳорот ҷавоб диҳанд: ҳа, қисман, не – бе баҳогузорӣ, танҳо ҳамчун оинаи муҳит.

Масалан:

- Дар синф минтақаҳо барои фаъолиятҳои гуногун мавҷуданд.
- Ман корҳои ҳамсинфонамро дар деворҳо мебинам.
- Ба ман писанд аст, ки дар муассиса бошам.
- Агар метавонистам чизеро тағйир диҳам – аз чӣ оғоз мекардам?
- Дар муассисаи таълимӣ гӯшаҳое ҳастанд, ки дар онҳо истироҳат кардан мумкин аст.
- Ҷойе ҳаст, ки ман метавонам идея пешниҳод кунам ё савол диҳам.

## 2. Воситаҳои ташхиси муҳити муассиса

Баъзан як ҷумлаи хонанда ё изҳори омӯзгор дар бораи муассисаи таълимӣ бештар маълумот медиҳад, назар ба саволнома (анкета). Баъзан танҳо кофист, ки каме оҳиста қадам занем ва бодиққат нигоҳ кунем: ба синф, як долон, ба он ки хонандагон дар байни дарсҳо дар куҷо ҷамъ мешаванд.

Ташхис аз пурсишҳои бузург оғоз намешавад, балки аз мушоҳида ва шунидани ҳодисаҳои хурди муассисаи таълимӣ оғоз мешавад.

Барои он ки ин қадамҳо тасодуфӣ набошанд, балки системавӣ ва муфид, муҳим аст, ки ба воситаҳои одӣ, вале самаранок такя кунем, ки ба мо кумак мекунанд, ки ҳолатҳои муҳитро бинем, сабт кунем ва муҳокима намоем.

**Воситаҳои имконпазир барои ташхиси муҳити муассисаи таълимӣ**

| **Восита** | **Ҳадаф** | **Чӣ тавр истифода бурд** |
|---|---|---|
| **1. Варақаи мушоҳида** | Чӣ ҳолат дар муҳит дида мешавад | Аз саҳни муассиса бо варақаи санҷишӣ гаштугузор ва сабт кунед |
| **2. Мусоҳибаи хурд бо хонандагон** | Онҳо муҳити худро чӣ гуна эҳсос мекунанд | 3 савол: дар куҷо бароҳат ҳастӣ? чӣ халал мерасонад? чаро? |
| **3. Харитаи маълумотҳои муҳит** | Муассиса кадом паёмҳоро интиқол медиҳад | Ҷадвал: унсур – он чӣ мегӯяд |
| **4. Пурсиши «Муассиса аз нигоҳи хонанда»** | Арзёбии одӣ | Масалан: оё дар синф чизе ҳаст, ки бо дасти ман сохта шудааст – ҳа/не |
| **5. Гурӯҳҳои фокусӣ** | Инъикоси дастаҷамъӣ | Хонандагон ё омӯзгорон харитаи муассисаро баррасӣ мекунанд |

Шумо бо ҳар як восита метавонед дар замимаи овардаи ин машғулият муфассал шинос шавед. Дар он қолабҳои мушоҳида, харитаи ишораҳои муҳит, намунаҳои тағйироти хурд ва саволҳо барои баррасӣ бо омӯзгорон ва хонандагон ҷамъ оварда шудаанд.

Ин маводҳоро метавон ба муассисаи шумо мутобиқ кард ва онҳоро ҳам барои ташхис ва ҳам барои банақшагирии тағйирот истифода бурд.

## 3. Кор бо монеаҳо

Муассисаи таълимӣ на ҳамеша ба рушди муҳит монеа эҷод мекунад**.** Аксар вақт сабабҳо одат, маҳдудияти вақт, тарс аз тағйирот ё набудани дарк ва забони тағйирот мебошанд. Омӯзгорон ва маъмурият доимо эҳсос мекунанд, ки ин ҷо чизе намерасад**,** аммо намедонанд, ки аз куҷо оғоз кунанд**.**

**Монеаҳои маъмул ва ишораҳои онҳо**

| **Монеа** | **Паёми он ба хонанда** |
|---|---|
| Деворҳои холӣ | Ту дар ин ҷо нестӣ. Мактаб – на барои туст. |
| Ҳамаи ороиш – аз ҷониби омӯзгор | Ту муаллиф нестӣ, танҳо иҷрокунандаӣ. |
| Набудани ҷой барои истироҳат ва оромӣ | Хастагӣ муҳим нест. |
| Ҳамаи вазифаҳо – якхела | Интихоб нест, эътимод нест. |
| Танҳо муваффақиятҳо дар девор | Хатогӣ кардан шармандагӣ аст. |
| Хомӯшии хонандагон дар дарс | Кӣ муҳим аст – ҳамон сухан мегӯяд. |

**Чӣ тавр бо монеаҳо кор кардан мумкин аст?**

Кор бо монеаҳо на танҳо ислоҳ кардан, балки тағйири ишораҳои муҳит мебошад. Масалан, роҳрави холӣ бо деворҳои сафед метавонад аз минтақаи хомӯшӣ ба фазои ҳамкорӣ табдил ёбад - агар дар он овезаи «Саволи ҳафта», галереяи аксҳои хонандагон ё лавҳаи кушоди пешниҳодҳо ҷойгир карда шавад.

Ин гуна тағйирот ишораро аз «аз ин ҷо гузар» ба «фикри ту муҳим аст» табдил медиҳад. Маҳз ҳамин аст усули тағйироти хурд: онҳо захираҳои зиёд талаб намекунанд, вале муҳити муассисаро дигар мекунанд.

**Тағйироти хурд барои бартараф кардани монеаҳо**

| Монеаҳо | Тағйирот (қадами хурд) |
|---|---|
| «Ҳама чиз хомӯш аст» | Гӯшаи идеяҳо бо паёмҳо аз ҷониби хонандагон |
| «Ғалат кардан мумкин нест» | Лавҳаи «имрӯз беҳтар мешавӣ» бо таҳлил |
| «Деворҳо холӣ» | Намоиши нақшаҳои одии корҳо |
| «Муколама нест» | Расму оини «Як савол аз хонанда дар рӯз» |

Тағйири муҳит – ин таъмир нест, балки танзим ва маъно аст. Маблағ ё таъмири пурраро интизор шудан лозим нест, танҳо маънои нав ва кори дастаҷамъӣ кофист.

## 4. Иштироки хонандагон: вақте муҳит умумӣ мешавад

Яке аз усулҳои самараноктарин – ҷалби худи хонандагон ба бознигарии муҳит мебошад.

**Мисолҳо:**

- Дар ҳар синф – девори пешниҳодот: «Барои бароҳатӣ ба мо чӣ лозим аст?»
- Ҳар моҳ – машварати синф: «Чӣ гуна муҳити худро беҳтар кунем?»
- Аксҳо ё видеоролик: "Ҷойи дӯстдоштаи ман дар муассиса – чаро?»

Ин амалҳо маблағгузорӣ талаб намекунанд, аммо эҳсоси масъулият ва ҳамбастагиро дар хонандагон ташаккул медиҳанд.

**Лоиҳаҳое, ки хонандагонро ба ташаккули муҳит ҷалб мекунанд**

- **Роҳи хонанда** – Ҳар кас як рӯзро интихоб мекунад ва сабт мекунад (дар дафтар, харитаи муассиса, акс ё видео), ки кадом ҷойҳо дар муассиса ба ӯ шодӣ, изтироб ё шавқ меоранд.
- **Минтақаи тағйирот** – Синф ё гурӯҳ як «минтақаи хомӯш»-ро интихоб мекунад (масалан, гӯшаи холӣ ё тахтаи кӯҳна) ва онро зинда мекунад: галереяи хурд, тахтаи иқтибосҳо, харитаи корҳои нек, гӯшаи оромӣ ва ғ.
- **Муҳит аз нигоҳи синфи хурд** – Хонандагони синфҳои болоӣ барои хурдсолон экскурсия мегузаронанд ва таассуроти аввалини онҳоро ҷамъ мекунанд: чӣ ҳайратовар буд, чӣ нофаҳмо, чӣ намерасад.
- **Як рӯз – як идея** – Дар давоми ҳафта ҳар хонанда ё дунафарӣ як тағйироти хурд пешниҳод мекунанд (ибора дар лавҳа, ҷойивазкунӣ, унсури аёнӣ (визуалӣ)). Дар охири ҳафта синф овоз медиҳад, ки кадом идеяҳоро амалӣ кардан лозим аст.
- **Овози муҳит** (қуттии махфӣ ё шакли онлайн) – Ҳар хонанда метавонад пешниҳод гузорад: дар муҳити муассиса чиро илова ё хориҷ кардан, чиро тағйир додан.
- **Муҳитҳои ноаён** – Хонандагон таҳқиқ мекунанд, ки кадом қисмҳои муассиса ноаён, фаромӯшшуда ё камарзишанд (зинапояҳо, утоқҳои хизматӣ, долонҳои дур) ва пешниҳод мекунанд, ки чӣ гуна онҳоро фаъол ва пурмазмун гардонанд.

**Чаро ин муҳим аст?**

Вақте ки хонандагон ҳис мекунанд, ки муассиса на танҳо ороиш, балки фазои фаъол аст, онҳо ангеза ва масъулияти шахсӣ пайдо мекунанд.

Ин захираҳои махсус талаб намекунад, муҳимтар аз ҳама – эҳсоси иштирок, ҳаммуаллифӣ ва ҳаққи овоз доштан аст.

**Чӣ тавр тағйиротро сабт ва дастгирӣ кардан мумкин аст?**

Барои он ки тағйирот гум нашаванд, муҳим аст:

- Ҳама чизро сабт кардан: аксҳои «пеш» ва «баъд», фикру мулоҳизаҳо, иқтибосҳои хонандагон.
- «Дафтари тағйироти муҳит» бурдан – ҳатто дар дафтар.
- Ҳар чоряк бо омӯзгорон ва хонандагон мулоқот гузаронидан: «Чиро дар синф/муассиса тағйир додем?»
- Таҳияи харитаи тағйирот: чӣ муваффақ шуд, чӣ халал мерасонад, кадом қадамҳои нав лозиманд.

**Муҳимтарин чиз:**

Вақте ки муассиса ба муҳит таваҷҷуҳ мекунад, мисли бори аввал худро мешунавад.

Ташхис – ин роҳи шунидан аст: дар куҷо «хомӯшӣ» ҳукмфармост, дар куҷо фазо холӣ ва бе маънost, дар куҷо нороҳатӣ вуҷуд дорад, аммо муҳимтар аз ҳама – дар куҷо тағйирот ворид кардан мумкин аст?

Ҳатто як қадами хурд метавонад оғози тағйироти фарҳангӣ гардад. Мушовир дар ин раванд – на назоратчӣ, балки роҳбари равандҳо аст. Ӯ мешунавад, дастгириро сабт ва пешниҳод мекунад, ки ба пеш ҳаракат кунем.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Муҳити муассисаи таълимӣ на танҳо замина, балки иштирокчии фаъоли раванди таълим аст**. Он ба хонандагону омӯзгорон дар бораи арзишҳо, имкониятҳо ва маҳдудиятҳо ишораҳо медиҳад. Ки онҳоро шинохтану дарк кардан муҳим аст.
2. **Ташхиси муҳит – назорат нест, балки мушоҳида ва шунидан аст**. Барои ин саволномаҳои мураккаб лозим нест – кофист, ки чашмро боз кунем, муколама ва сабт кунем, ки чӣ кор мекунад ва чӣ хомӯш аст.
3. **Монеаҳо на ҳамеша таъмир талаб мекунанд** – бештар онҳо ба танзим ниёз доранд. Ҳатто тағйироти хурд дар ороиш, роҳҳо ва расму оинҳо метавонанд соҳаро аз баста аст ба ту муҳим ҳастӣ табдил диҳанд.
4. **Иштироки хонандагон** – калиди тағйироти воқеии муҳит аст. Онҳо на танҳо сокинони муассиса, балки ҳаммуаллифони он мебошанд. Муҳит вақте тағйир меёбад, ки саволи умумӣ пайдо мешавад: Чӣ тавр муассисаро ҷойи дилхоҳ гардонем?
5. **Вазифаи мушовир** – на идора кардани муҳит, балки ташаккули фарҳанги мушоҳида, дарк ва тағйироти хурд, ҳатто дар шароити захираҳои маҳдуд мебошад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Дарки ғояҳои асосӣ**

1. Чаро ташхиси муҳити муассиса назорат нест, балки дарк кардан аст?
2. Шумо дар бораи забони овозии муҳит чӣ чизи нав омӯхтед?
3. Кадом монеаҳо дар муассисаҳо аксар вақт дида намешаванд? Чаро?
4. Чӣ тавр шумо мафҳуми тағйироти хурд – ин аллакай такмили муҳит аст ва онро дарк мекунед?

☞ **Шакли кор:** баррасии дунафарӣ ё дар гурӯҳҳои хурд

**II. Арзёбии кори амалии малияи худ**

1. Як фазои мушаххаси муассисаро ба ёд оред (синф, долон, толор). Он ҳоло ба хонандагон чӣ маълумот медиҳад?
2. Кадом унсурҳои муҳит дар муассисаи шумо кор мекунанд ва кадоме хомӯшанд?
3. Оё шумо қаблан усулҳои мушоҳида, варақаҳои фикру мулоҳиза ё овози хонандагон-ро ҳамчун қисми таҳлили муҳит истифода бурдаед?
4. Шумо кадом душвориҳоро дар ташхиси мунтазами муҳити муассиса мебинед?

☞ **Шакли фаъолият:** қайдҳои шахсӣ + мубодилаи дунафарӣ

**III. Гузариш ба амал**

1. Шумо бо кадом қадами хурд метавонед кор бо муҳитро дар муассисаи худ оғоз кунед?
2. Кадом воситаи ташхис ба шумо бештар мувофиқ менамояд? Чаро?
3. Чӣ тавр хонандагонро ба баррасӣ ва беҳтар кардани муҳит ҷалб кардан мумкин аст?
4. Шумо дар ин раванд чӣ гуна дастгирӣ мегиред: аз ҳамкор, вохӯрӣ, қолаб, мушовир?

☞ **Шакли фаъолият:** қайдҳои шахсӣ + муҳокима дар гурӯҳҳои хурд

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 1.3**

*як ҷавоби дурустро интихоб кунед:*

**1. Дар ташхиси муҳити муассисаи таълимӣ чӣ муҳим аст?**
A. Саволнома ва таҳияи ҳисобот
B. Санҷидани мутобиқати мебел ва равшанӣ ба стандартҳо
C. Муайян кардани таъсири муҳит ба муносибатҳо, омӯзиш ва фазои муассиса
D. Таҳлили натиҷаҳои санҷишҳои назоратии чоряк

**2. Кадом равиш барои таҳлили ибтидоии муҳити муассиса самараноктар аст?**
A. Саволнома ва таҳлили оморӣ
B. Таҳлили визуалӣ, мушоҳида ва муколама бо иштирокчиён
C. Санҷиши мутобиқати муҳит ба стандартҳо
D. Муқоиса бо дигар муассисаҳои минтақа

**3. Мушовир ҳангоми мушоҳидаи муҳити муассисаи таълимӣ чиро бояд ба назар гирад?**
A. Танҳо намуди зоҳирии синфхонаҳо ва таҷҳизоти онҳо
B. Муҳити муошират, динамикаи ҳамкорӣ ва иштироки хонандагон
C. Шумораи синфхонаҳои таълимӣ ва ҷойҳои нишаст
D. Нақшаҳои рушди муассиса барои як ё се сол

**4. Кадом монеа метавонад муассиса интиқол диҳад, ҳатто бе дарк кардани он?**
A. Норасогии буҷет
B. Дар ин ҷо чизеро тағйир додан мумкин нест
C. Ҷадвали пурбор, таҳсил дар ду баст
D. Набудани лаборатория дар синфи химия

**5. Тағйир додани монеа ба огоҳӣ чӣ маъно дорад?**
A. Роҳи ҳал ёфтан барои давр задани мушкилот
B. Камтар намоён кардани мушкилот
C. Истифодаи маҳдудият ҳамчун имконияти рушд
D. Пинҳон кардани монеа аз санҷишгарон

*Ҳамаи гунаҳои мувофиқро интихоб кунед:*

**6. Кадом амал метавонад ба мо кумак кунад, то беҳтар фаҳмем, ки дар муҳити муассиса чӣ мегузарад??**
A. Нигоҳ кардан ба роҳе, ки хонандагон дар муассиса мераванд
B. Гап задан бо омӯзгор
D. Мушоҳида кардан, ки дар вақти танаффус чӣ мешавад
E. Аксгирӣ аз ҷойҳои гуногуни муассисаи таълимӣ

**Замима**

## Воситаҳои ташхиси муҳити муассиса

### *1. Намунаи мушоҳида*

**Ҳадаф:** Муайян кардани муҳити муассиса аз нигоҳи хонанда.

| **Минтақа** | **Чӣ мебинам?** | **Чӣ гуна маълумот ба хонанда мерасонад?** | **Шарҳу / пешниҳод** |
|---|---|---|---|
| Даромад ба муассиса | | | |
| Долонҳо | | | |
| Синфхонаҳо | | | |
| Минтақаҳои интизорӣ / истироҳат | | | |
| Ороиши деворҳо | | | |

### *2. Харитаи тағйироти муассисаи таълимӣ*

**Ҳадаф:** Муҳокимаи ғайрирасмӣ бо омӯзгорон ва хонандагон: **дар куҷо муҳит кор мекунад ва дар куҷо хомӯш аст.**

**Дастурамал:**

1. Нақшаи муассиса ё синфро гиред.
2. Минтақаҳоро бо рангҳо ишора кунед:
   - **Кабуд** – ҷойҳое, ки гуворо аст.
   - **Сафед** – ҷойҳое, ки хомӯш ва беҳаракатанд.
   - **Сабз** – ҷойҳое, ки метавон зуд беҳтар кард.
3. Баррасӣ кунед: *Чаро чунин аст? Чиро тағйир додан мумкин аст?*

### *3. Муассисаи таълимӣ аз нигоҳи хонанда*

**Ҳадаф:** Ҷамъоварии маълумотҳои эҳсосӣ ва маънoии муҳит.

| **Савол** | **Ҷавоб** |
|---|---|
| Оё дар синф чизе ҳаст, ки бо дасти ман сохта шудааст (овеза, лоиҳа, кор)? | ☑ ✗ ? |
| Оё ман медонам, ки дар куҷо метавонам танҳо бошам? | ☑ ✗ ? |
| Оё ман номи худро дар муассиса дидаам (дар лавҳа, девор, рӯйихат, рӯзнома)? | ☑ ✗ ? |
| Оё ҷойе ҳаст, ки ман метавонам савол диҳам, ҳатто пас аз дарс? | ☑ ✗ ? |
| Оё дар муассиса калонсоле ҳаст, ки ман метавонам бо ӯ на танҳо дар бораи баҳогузорӣ суҳбат кунам? | ☑ ✗ ? |
| Вақте ки ман аз долон мегузарам, касе бо ман салом мекунад? | ☑ ✗ ? |

**Ҷавобҳо:** ҳа ☑/, боварӣ надорам **?** / не **✗**

**Тавсияҳо:** Саволҳоро тағйир диҳед, хонандагонро ташвиқ кунед, ки саволҳои худро пешниҳод кунанд.

*4. Харитаи ишораҳои махсуси муҳит*

**Ҳадаф:** Муайян кардани он, ки **муассиса ба хонандагон чӣ мегӯяд бе сухан** – тавассути ороиш, ташкили муҳит, расму оинҳо ва паёмҳои ноаён.

**Муҳити муассаи таълимӣ чӣ мегӯяд**

| **Унсури муҳит** | **Хонанда чиро мебинад / мушоҳида мекунад?** | **Чӣ гуна онро мефаҳмад?** | **Тағйироти имконпазир** |
|---|---|---|---|
| **Даромад ба муассиса** | Омӯзгори навбатдор, муҳофиз: Дер накун! | Дар ин ҷо туро интизор нестанд | Таблиғоти хуш омадед, лавҳаи хабарҳо аз ҷониби хонандагон |
| **Долонҳо** | Деворҳои холӣ, линолеум, лавҳаҳои ишоратӣ | Гузар ва таваққуф накун | Лавҳаҳо бо лоиҳаҳо, аксҳои рӯз, саволҳои ҳафта |
| **Синфхонаҳо** | Танҳо маводи омӯзгор, ҳама чиз ба ӯ тааллуқ дорад | Ман дар ин ҷо чизе надорам | Гӯшаи хонандагон, минтақаи саволҳо, намоишгоҳи идеяҳо |
| **Девори муваффақиятҳо** | Танҳо аълохонҳо, ҳамон номҳо | Ин ба ман дахл надорад | Рубрикаи Пирӯзии ҳафта, Ман кӯшиш кардам – ва муваффақ шудам |
| **Расму оинҳо** | Ҳамеша омӯзгор аввал сухан мегӯяд, ҳама бо фармон мехезанд | Беҳтар аст хомӯш бошам | Элементҳои нав, саволҳо аз хонандагон, ҳадафи рӯз |
| **Минтақаҳои истироҳат** | Мебели мулоим нест, ҳама чиз расмӣ | Дар ин ҷо истироҳат кардан мумкин нест | Қолинҳо, болиштҳо, китобҳо, гӯшаи бароҳатӣ |

**Чӣ тавр истифода бурдан?**

1. Минтақаи мушаххасро интихоб кунед **(масалан, даромад, роҳрав, синф, ошхона).**
2. Муайян кунед, ки муҳит чӣ садо медиҳад.
3. Таҳия намоед, ки хонанда чӣ паём мегирад.

**Саволҳо барои баррасӣ:**

- Дар куҷо муҳити муассиса воқеан бо хонандагон сӯҳбат мекунад?
- Кадом ишораҳоро бе маблағгузорӣ тағйир додан мумкин аст?
- Муҳит дар бораи арзишҳои муассиса чӣ мегӯяд?
- Чиро тағйир додан мумкин аст, ҳатто бо захираҳои маҳдуд?

***5. Нақшаи тағйироти хурди муҳит***

**Ҳадаф:** Муайян кардани қадамҳое, ки муҳитро беҳтар мекунанд.

| **Мушкилот / монеа** | **Тағйироти хурд** | **Кӣ иҷро мекунад** | **Чӣ тавр сабт мекунем** |
|---|---|---|---|
| Хонандагон хомӯшанд | Саволи ҳафта аз синф. | Омӯзгор, хонандагон | Акс, иқтибосҳо дар девор |
| Ҳамаи ороиш – аз омӯзгор | Газетаи синфӣ ҳар моҳ. | Синф | Бойгонӣ, акс, ҷузвдони муваффақиятҳо |
| Хонандагон худро муҳим эҳсос намекунанд | Стенди ифтихори ҳафта бо муваффақиятҳои ҳар кас. | Хонандагон, роҳбари синф | Акс, муҳокима дар давра |
| Ҷой барои муҳокимаи идеяҳо нест | Қуттии пешниҳодҳо ё стенди агар… | Синф, навбатдорон | Муҳокима дар соати синфӣ |
| Баҳогузорӣ ҳамчун ҳукм қабул мешавад | Рубрика ё стенди ман дар ин ҳафта чӣ омӯхтам. | Омӯзгор, хонандагон | Лавҳаи дастаҷамъӣ, натиҷаҳои шифоҳӣ |

## МАШҒУЛИЯТИ 2

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

1. Истифодаи воситаҳои одии ташхиси муҳити муассисаи таълимӣ.
2. Таҳияи нақшаи як тағйироти хурд дар муҳити муассисаи таълимӣ

### КОРИ АМАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

**Кори амалии 1. Масоҳати муассиса**



Долон



Ошхона



Зинапоя



Синфхона

**Вазифа барои гурӯҳҳо:**

1. Ду акс аз муҳити муассисаро интихоб кунед.
2. Баррасӣ кунед:
   - Ин муҳит ба хонандагон чӣ мегӯяд?
   - Чӣ эҳсосот ба вуҷуд меорад?
   - Кадом садо дар ин ҷо ҳукмфармост: иштироки фаъол, назорат, холигӣ, амният?

## Кори амалии 2. Варақаи муҳити таълим

**Ҳадаф:** Омӯхтани таҳлили муҳит тавассути маълумотҳои мушаххас.

**Шакли фаъолият:** Кори дунафарӣ.

**Қадамҳои иҷро:**

**Қадами 1.** Варақаи маълумотҳо ё варақаи мушоҳидаро дар асоси аксҳои интихобшуда пур кунед.

**Қадами 2.** Корҳоро бо гурӯҳи дигар мубодила карда, муҳокима гузаронед.

***Варақаи маълумотҳо***

| Унсури муҳит | Чӣ мегӯяд? | Ин таълим – дастгирикунанда ё маҳдудкунанда? |
|---|---|---|
| Тахтаи эълонҳо /овезаҳо | | |
| Роҳи ҳаракат дар роҳрави муассиса | | |
| Минтақаи истироҳат / интизорӣ | | |
| Ташкили мизҳо дар синф | | |

***Варақаи мушоҳида***

| Савол | Чӣ мебинам? | Чӣ гуна ба хонандагон таъсир мерасонад |
|---|---|---|
| Дар куҷо дархости хонандагон шунида мешавад? | | |
| Дар куҷо хонандагон метавонанд нақши худро гузоранд / идея пешниҳод кунанд? | | |
| Дар куҷо муҳокимаҳои ногаҳонӣ рух медиҳанд? | | |
| Дар куҷо хомӯш ва таври расмӣ ба назар мерасад? | | |

## Кори амалии 3. Таҳияи нақшаи тағйироти хурд

**Ҳадаф:** Омӯхтани тарҳрезии тағйирот бо захираҳои маҳдуд.

**Шакли кор:** Кор дар гурӯҳҳо.

**Қадамҳои иҷро:**

**Қадами 1.** Як нуқтаи мушкил ё унсуреро, ки дар акс муайян кардед, интихоб кунед.

**Қадами 2.** Дар гурӯҳ муҳокима кунед:

- Кадом омилҳо ба ғайрифаъол будани ин муҳит таъсир мерасонанд?
- Чӣ гуна метавон бо усулҳои самаранок ва бе сарфи зиёди маблағҳо муҳитро беҳтар кард**?**

**Қадами 3.** Намунаи нақшаи тағйироти хурдро пур карда, барои муаррифӣ омода созед.

***Нақшаи тағйироти хурд***

| Мушкилот / монеаи муҳит | Тағйироти хурд (дастрас) | Кӣ метавонад иҷро кунад? | Чӣ тавр натиҷаро сабт мекунем? |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

**Адабиёт ва сарчашмаҳо**


1. Беспалько В. И. Педагогика и методика начального обучения — примерно 2000–2010 гг.
2. Бордовский, Г.А., Нестеров, А.А., Трапицын, С.Ю. Управление качеством образовательного процесса: Монография. – СПб.: РГПУ им. А.И. Герцена, 2019. – 169с.
3. Братченко, С.Л. Введение в гуманитарную экспертизу образования: методическое пособие / С.Л. Братченко. – Санкт-Петербург: СПбГУПМ, 2003. – 56с.
4. Весманов С.В., Весманов Д.С. Управление проектами в сфере образования: учебник. –М.: МГПУ, 2022. – 204 с.
5. Гусев В. В., Гусева Н. В. "Инновационные технологии в современной педагогике" — 2015 г.
6. История становления методической службы в системе образования России: Альманах / под ред. И.И. Тарадановой; сост. Т.Н. Щербакова. – М.: ФГАОУ ДПО «Академия Минпросвещения России», 2022. – 78 с.
7. Ильенко Л.П. практика управления методической Теория работой и в общеобразовательных учреждениях Л.П. Ильенко. - М.: АРКТИ, 2003. - 95 с
8. Кобзева Т. А., Лукьянова Н. В. "Методика преподавания в условиях информационного общества" — 2018 г.
9. Лазарева М.В. Руководство для наставника: учебное наглядное пособие/ М.В. Лазарева. – Саратов: ГАУ ДПО «СОИРО», 2022. – 64 с.
10. Миронова Т. В., Петрова Н. А. "Педагогика XXI века: инновации и перспективы" — 2020 г.
11. Матросова Е.Н.Формы методической работы по развитию профессиональной компетенции и личностных качеств педагога для участия в конкурсах профессионального мастерства. //Информационно-методический журнал «Про-ДОД». – 2020 - №5 (29), С.15-25.
12. Никитина, И.В. Мастер-класс для руководителей школы: управление методической работой / И.В. Никитина. – Москва: Планета, 2017. – 367с.
13. Сафин Д.В., Қуддусов Ҷ.Х., Мухторӣ Қ. Роҳнамо барои роҳбалад. Дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе, 2022. – 157 с.
14. Селевко Г.К. Альтернативные педагогические технологии. - М. : НИИ школьных технологий, 2005. - 224 с.
15. Селевко Г.К. Педагогические технологии на основе дидактического методического усовершенствования УВП. - М. : НИИ школьных технологий, 2005. - 288 с.Тематика.
16. Фролова И. А., Иванова Е. В. "Современные методы обучения: теория и практика" —2012 г.